هيثم سرحان

# فتاوي عن الصلاة

# ФАТВОҲО АЗ НАМОЗ

ҲАЙСАМ ИБНИ МУҲАММАД САРҲОН

СОБИҚ МУАЛЛИМИ МАЪҲАДИ ҲАРАМ

ДАР МАСҶИДИ НАБАВӢ ВА РОҲБАРИ

СОМОНАИ ТАЪСИЛИ ИЛМӢ

اللغة الطاجيكية

ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

ALSARHAAN.COM
MAHADSUNNAH.COM




## Ҳукми азон хондан ба (забони дигар) ғайри Арабӣ

Савол

Ман мехостам бидонам, оё азон хондан ба забоне ғайр аз Арабӣ ҷоиз аст? Масалан ба хотири фаҳмонидан, бароям ҷоиз аст, ки азонро тарҷума намоям?

Матни ҷавоб

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Аксарияти фақеҳон бар ин назаранд, ки азон хондан ба дигар забонҳо ғайр аз забони Арабӣ дуруст нест.

Дар "Ал-Мавсуъату-л-фиқҳийяти-л-кувайтийя" (11/170) омадааст:"Тарҷумаи азон: Агар бо забони Форсӣ ва ё бо забони дигаре ғайри Арабӣ азон бихонад, дидгоҳи саҳеҳи ҳанафиёну ҳанбалиён ин аст, ки ин азон дуруст нест, ҳарчанд азон будани он маълум бошад. Аз суханони моликиён низ чунин фаҳмида мешавад, зеро онон бар дурустии азон шарт гузоштаанд, ки он бояд бо лафзҳое, ки Шариат муқаррар кардааст, хонда шавад. Аммо шофеиён бошанд, дар ин мавзӯъ ба тафсил сухан карда, гуфтаанд: Агар барои ҷамоате азон бихонад ва дар миёни онҳо шахсе вуҷуд дошта бошад, ки арабиро хуб медонад, дар ин ҳолат азон бо забони дигар ҷоиз нест. Вале агар дар миёни онҳо шахсе вуҷуд надошта бошад, ки арабиро хуб медонад, дар ин ҳолат азон бо забони дигар ҷоиз аст. Агар барои худ азон бихонад, агар арабиро хуб бидонад, дар ин ҳолат барояш ҷоиз нест, ки бо забони дигар азон бихонад. Аммо арабиро хуб надонад, дар ин ҳолат барояш ҷоиз аст, ки бо забони дигар азон бихонад". Поёни сухан.

Ниг: Бадоеъу-с-саноеъ: (1/485). Аддурру-л-мухтору маъа Ибни Обидин: (1/485). Ал-Маҷмуъ: (3/113). Ал-Инсоф: (1/413).

Аммо тарҷума намудани он ба мақсади таълим ва фаҳмонидани маънои он дар мактабҳо ва амсоли он, ҳеҷ боке надорад. Аллоҳ донотар аст.

Сарчашма: Ислом Савол Ва Ҷавоб

## Дар ҳар масҷиде, ки намоз барпо мешавад, бояд азон дода шавад

Савол

Агар мо дар масҷиди хурд намоз бихонем ва садои азони масҷиди калонро бишнавем, оё суннат аст, ки дар масҷиди хурд ҳам азон дода шавад ва ё ин ки ба азони масҷиди калон, ки садояш ба самъамон мерасад, кифоягӣ кунем?

Матни ҷавоб

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

"Модоме ки дар масҷид намоз баргузор мегардад, суннат аст, ки дар он ҷо азону иқомат хонда шавад, гарчанде ки азони масҷиди дигарро бишнавед, зеро дар аксари мавридҳо масофаи масҷидҳо аз якдигар дур аст, хусусан бо ин баландгӯякҳо, ки бо воситаи он азони якдигарро мешунаванд. Суннат аст, ки дар ҳар масҷид азону иқомат хонда шавад. Инсон азонро дар кадом масҷиде шунавад, бояд онро иҷобат намояд". Поёни сухан.

Сарчашма: Шайх Абдулазиз Ибни Боз (Раҳмати Аллоҳ Бар Ӯ Бод) - "Фатово Нурун Ала-Д-Дарб" (2/685).

## Ҳукми азону иқомат барои мунфарид (танҳогузор)

Савол

Ман баъзан намозҳои фаризаро дар танҳоӣ адо менамоям, чунки дар наздикии ман масҷиде вуҷуд надорад. Оё барои ҳар намоз азону иқомат лозим аст ва ё ҷоиз аст, ки бе азон ё бе иқомат намоз бихонам?

Матни ҷавоб

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

"Азону иқомат суннат аст. Дар мавриди воҷиб будани он, байни донишмандон ихтилоф аст, вале бо назардошти

маънои умумии далелҳо бароятон беҳтар ва эҳтиётноктар аст, ки азону иқомат бихонед. Вале бар шумо зарур аст, ки ҳар вақт имконият пайдо кунед, бо ҷамоат намоз бихонед. Агар дар масҷиди наздикатон ҷамоатеро пайдо кунед ва ё садои азонро бишнавед, шумо бояд ба муаззин ҷавоб бидиҳед ва бо ҳамроҳии ҷамоат (ба намоз) ҳозир шавед. Агар азонро нашунавед ва дар наздикии шумо масҷид набошад, суннат аст, ки худ азону иқомат бихонед". Поёни сухан.

"Маҷмуъу фатово"-и Шайх Ибни Боз (10/238).

Сарчашма: Ислом Савол Ва Ҷавоб

## **Оё занон бояд азону иқомат бихонанд?**

Савол

Лутфан ба ман бигӯед, оё барои занҳо азону иқомат хондан пеш аз ин ки танҳо ва ё дар ҷамоат бо ҳамроҳии дигар хоҳарон намоз гузоранд, фарз ё воҷиб аст?

Матни ҷавоб

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Аз кумитаи доимӣ оид ба фатводиҳӣ пурсиданд: Оё иқомат хондан бар зан машрӯъ аст, агар ба занон имоматӣ кунад?

Дар ҷавоб гуфтанд:

Бар занҳо иқомат барои намоз машрӯъ нест, хоҳ танҳо намоз бихонанд ва ё яке аз онон ба дигар занон имоматӣ кунад ва ҳамчунин азон гуфтан бар онҳо машрӯъ нест.

Фатово-л-лаҷнату-д-доима: 6/84.

Шайх Ибни Боз (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) пурсида шуд: Оё барои зан ҷоиз аст, ки дар намозаш азону иқомат бихонад ва ё на?

Шайх (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) чунин ҷавоб дод:

Барои зан машрӯъ нест, ки дар намозаш азону иқомат бихонад, балки ин махсуси мардон аст. Аммо барои занон азону иқомат машрӯъ намебошад, балки бе азону иқомат намоз мехонанд.

"Маҷмуъу фатово ва мақолотун мутанаввиа" (10/356).
Аллоҳ донотар аст.Сарчашма: Ислом Савол Ва Ҷавоб

## Азону иқомат барои мунфарид (танҳогузор)

Савол
Агар танҳо намоз бихонӣ, азону иқомат мегӯӣ?
Ман чанд вакт пеш Исломро қабул кардам ва китобҳоеро дар мавзӯи намоз хондам, вале он китобҳо дар ин бора чизе намегӯянд.

Матни ҷавоб
Ҳамду сано барои Аллоҳ.
Азону иқомат барои мунфарид (танҳогузор) мустаҳаб мебошад, зеро маънои умумии далелҳо бар он далолат мекунад.
Шайх Мансур Ал-Баҳутӣ (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) гуфтааст: Азону иқомат барои мунфарид (танҳогузор) суннат мебошад, зеро Уқба ибни Омир ҳадиси марфуъеро ривоят кардааст: (Расулуллоҳ мефармояд:) «Парвардигорат аз ин кирдори чӯпони гӯсфанд тааҷҷуб мекунад, ки ӯ дар болои кӯҳ барои намоз азон мехонад ва намоз мегузорад. Аллоҳ таъоло мегӯяд: Ин бандаамро бубинед, азон мехонад ва намозро барпо менамояд, аз Ман метарсад. Ба шумо гувоҳӣ медиҳам, ки Ман гуноҳони бандаамро мағфират кардам ва ӯро вориди биҳишт менамоям». Ривояти Насоӣ.
Азону иқомат дар сафар ҳам суннат мебошад, зеро паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ба Молик ибни Ҳувайрис ва ба писарамаки ӯ гуфт: «Ҳар гоҳ ҳардуятон сафар кунед, азону иқомат бихонед ва бузургсолтарини шумо имоматӣ бикунад». Муттафақун алайҳ (ривояти Бухорӣ ва Муслим). . .
"Матолибу ули-н-нуҳо" Ҷилди 1, боби азон.
Барои ӯ тарк кардани азону иқомат макруҳ аст. Шофеӣ (раҳмати Аллоҳ таъоло бар ӯ бод) гуфтааст:

Агар марде азону иқоматро дар ҳоли танҳогузорӣ ва ё дар ҷамоат тарк кунад, ман онро макруҳ медонам, вале намозҳоеро, ки бе азону иқомат хондааст, дубора намехонад.
Сарчашма: Китоби "Ал-Умм"-И Шофеӣ, Ҷимоъу-Л-Азон, Бобу-Л-Азони Ва-Л-Иқомати Ли-Л-Ҷамъи Байна-С-Салотайн

## Ҳукми азон аз тариқи радио ва амсоли он

Савол

Азон додан аз радио чӣ ҳукме дорад? Яъне агар вақти азон бирасад, забти савт (магнитофон) ё радиоро равшан карда (даргиронда), садои азонро дар назди баландгӯ (микрофон) гузорад ва ё садои муаззинеро, ки (дар ҳоли ҳозир) азон дода истодааст, пахш намояд?

Матни ҷавоб

Ҳамду сано барои Аллоҳ.
Пахши азон аз дастгоҳи забти савт (магнитофон) ё аз радио ва ё ирсол намудани он ба воситаи таҷҳизот аз як ҷо ба масҷидҳои дигар бидъати нав эҷодшуда аст.
Аз донишмандони Кумитаи доимӣ пурсиданд:
Оё азон барои намозҳои фариза суннат аст ва пахш намудани он бо воситаи дастгоҳи забти савт (магнитофон) чӣ ҳукм дорад, агар муаззинҳо онро дуруст анҷом дода натавонанд?

Чунин посух доданд: Азон фарзи кифоя аст, илова бар ин, васила барои эъломи фаро расидани вақти намоз ва даъват барои он аст ва пахши азон аз тариқи дастгоҳи забти савт, ки аз қабл сабт шудааст, барои эълони вақти намоз кофӣ нест. Бар мусулмонон, дар ҳар ҷое, ки намоз баргузор мешавад, лозим аст, ки дар вақти дохил шудани намоз касеро аз байни худ, ки метавонад азонро ба некӯӣ адо кунад, интихоб кунанд.

Шайх Абдулазиз ибни Абдуллоҳ ибни Боз, Шайх Абдурраззоқ Афифӣ, Шайх Абдуллоҳ ибни Ғадаён.

Боз аз ҳамин Кумита пурсиданд:Аз баъзе мардумон дар кишварҳои исломӣ шунидам, ки онҳо азони Ҳарамайни шарифайнро ба навор (кассета)-и радио забт мекунанд ва сипас онро дар назди баландгӯ (микрофон) мегузоранд ва ба ҷои муаззин азон пахш мешавад, оё намоз (дар ин ҳолат) ҷоиз аст? Лутфан бо далел аз китоб (Қуръон) ва суннат (ҳадис) ва бо шарҳу эзоҳи мухтасар посух диҳед.

Чунин посух доданд: Пахш намудани азон аз тариқи навор (кассета)-и забтшуда ба ҷои азони машрӯи намозҳои фариза кифоят намекунад, балки воҷиб аст, ки муаззин шахсан барои намоз азон диҳад, зеро собит шудааст, ки паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ба азон дастур додааст ва асос дар амру дастур воҷиб будани он мебошад.
"Фатово-л-лаҷнату-д-доима" (6/66, 67).

Дар қарори давраи нӯҳуми "Маҷмаъу-л-фиқҳи-л-исламӣ" вобаста ба "Робитату-л-ъолами-л-исломӣ" дар шаҳри Макка, дар рӯзи шанбе, соли 1406-и ҳиҷрӣ омадааст:
Иктифо кардан ба азони радио дар масҷидҳо дар вақти даромадани намоз аз тариқи дастгоҳи забти савт ва монанди он дуруст нест ва истифода бурдани он барои адои ин ибодат (азон) ҷоиз нест ва азони машрӯъ бо он ҳосил намеёбад. Бар мусулмонон воҷиб аст, ки дар ҳар як вақтҳои намозҳо, дар ҳар масҷиде, ки бошанд, азон диҳанд, ҳамонгунае, ки мусулмонон аз замони паёмбарамон Муҳаммад (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) то ҳол бар он буданд.

Аллоҳ донотар аст. Сарчашма: Ислом Савол Ва Ҷавоб

## Ӯ Рамазонро рӯза мегирад ва баъд аз Рамазон намозро тарк мекунад

Савол

Агар инсон (дар моҳи Рамазон) ба рӯзаи Рамазон ва намоз саъю кӯшиш намояд, вале пас аз ба поён расидани Рамазон намозро тарк кунад, оё рӯзааш пазируфта мешавад?

Матни ҷавоб

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Намоз рукне аз рукнҳои Ислом, муҳимтарин рукн пас аз шаҳодатайн ва аз фарзҳои айн мебошад. Касе ки намозро аз рӯи инкор намудани воҷибияташ ва ё аз рӯи танбалию бепарвоӣ тарк кунад, ба таҳқиқ кофир шудааст. Аммо касоне, ки танҳо дар моҳи Рамазон рӯза мегиранду намоз мехонанд, ин кирдорашон кӯшише барои фиреб намудани Аллоҳ аст. Чи басо қавми зиштанд, ононе ки Аллоҳро танҳо дар моҳи Рамазон мешиносанд. Рӯзаи онон пазируфта намешавад, агар пас аз Рамазон намозро тарк кунанд. Балки бар асоси саҳеҳтарин дидгоҳ онҳо кофир буда, ба куфри акбар воқеъ шудаанд, гарчанде ки воҷибияти намозро инкор накунанд, зеро паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: «Аҳде, ки байни мову онон (мушрикон) аст, ин намоз аст, пас касе ки онро тарк кунад, пас ба таҳқиқ кофир шудааст». Имом Аҳмад (22428), Тирмизӣ (2621), Насоӣ (431) ва Ибни Моҷа (1079) ин ҳадисро бо санади саҳеҳ аз Бурайда Асламӣ (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) ривоят кардаанд.

Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: «Сар (ва асос)-и он Ислом, сутуни он намоз ва баландтарин қуллаи он ҷиҳод дар роҳи Аллоҳ мебошад». Имом Тирмизӣ (2616) ин ҳадисро бо санади саҳеҳ аз Муоз ибни Ҷабал (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) ривоят кардааст.

Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: «Байни инсон ва куфру ширк ин тарки намоз аст». Имом Муслим ин ҳадисро дар китоби "Саҳиҳ"-и худ дар зери шумораи (82) аз Ҷобир ибни Абдуллоҳи Ансорӣ (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) ривоят кардааст.

Ҳадисҳо дар ин мавзӯъ хеле зиёданд.

Тавфиқ аз ҷониби Аллоҳ аст ва дуруду паёми Аллоҳ бар паёмбарамон Муҳаммад ва олу асҳоби ӯ бод.
Сарчашма: "Аллаҷнату-Д-Доимату
Ли-Л-Буҳуси-Л-Илмийяти Ва-Л-Ифто" (10/140).

## Оё намози харомхӯр қабул мешавад?

Савол
Оё дуруст аст, ки агар хӯроки ҳаром бихӯрӣ, то чиҳил рӯз намозат қабул намешавад?

Матни ҷавоб
Ҳамду сано барои Аллоҳ.
Агар таоми ҳаром бихӯрӣ, дар рад шудани дуои худ сабаб шудаӣ (яъне дуоят қабул намешавад), аз ин рӯ, дар ҳадиси қудсӣ омадааст:
«Ва аз ҳаром ғизо гирифтааст, пас чи гуна дуои чунин шахсе пазируфта мешавад?».
Ин ба он маъност, ки аз эҳтимол дур аст, ки дуояш қабул шавад. Аммо намозаш, ки аз дуо ва дигар ибодатҳо иборат аст, пазируфта мешавад. Ба ин маъност, ки намозаш кофӣ буда, аз зиммаи ӯ соқит мегардад ва ба ӯ дастур дода намешавад, ки онро бори дигар такроран бихонад. Дар ривояте омодааст, ки касе шароб бинӯшад, Аллоҳ намози чиҳил рӯзаашро қабул намекунад.
Сарчашма: Шайх Абдулкарим Ал-Хузайр

## Намоз дар торикӣ

Савол
Намоз хондан дар торикӣ, ки ҳатто дастони худро намебинӣ, чӣ ҳукм дорад?

Матни ҷавоб
Ҳамду сано барои Аллоҳ.
Агар намоз бо тамоми шартҳо, рукнҳо ва воҷибҳояш анҷом дода шавад, он намоз дуруст аст. Равшанӣ шарт, рукн ва ё воҷиби намоз намебошад. Магар ин ки агар торикӣ мояи тарс бошад, ки намозгузорро машғулу парешон созад ва хушӯъ ва фурӯтании ӯро аз байн бибарад, пас дар ҳолат, намоз хондан дар торикӣ макруҳ аст.
Сарчашма: Шайх Абдулкарим Ал-Хузайр

## Оё дар ҳангоми намоз мор ва ё каждумро бояд бикушад?

Савол
Агар марде намозро оғоз бикунад ва ин намоз намози фариза ва яке аз намозҳои панҷгона бошад ва дар ин ҳангом, дар пешаш мор ё каждумеро бубинад, оё намозашро қатъ намуда, онро мекушад ва ё намозашро идома медиҳад?

Матни ҷавоб
Ҳамду сано барои Аллоҳ.
Бале, намозашро қатъ намуда мор ё каждумро мекушад, зеро паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст:
«Он ду сиёҳ, яъне мор ва каждумро дар намоз бикушед».
Аҳли Сунан (*Абудовуд, Тирмизӣ, Насоӣ ва Ибни Моҷа*) ин ҳадисро ривоят кардаанд. Ибни Ҳиббон ин ҳадисро саҳеҳ донистааст.
Ва агар дар даруни намоз куштани он бе амали зиёдатӣ имконпазир бошад, ҳеҷ боке надорад ва намозаш дуруст аст.
Тавфиқ аз ҷониби Аллоҳ аст ва дуруду паёми Аллоҳ бар паёмбарамон Муҳаммад ва олу асҳоби ӯ бод.
Сарчашма: Аллаҷнату-Д-Доимату
Ли-Л-Буҳуси-Л-Илмийяти Ва-Л-Ифто: 7/31.

## Харидани калисо ва табдил додани он ба масҷид

Савол

Гуруҳе аз мусулмонон дар шаҳре дар иёлоти Ҷорҷияи Иёлоти Амрико вуҷуд доранд. Онҳо мехоҳанд барои адои намозҳои панҷгона ва ҷумъа масҷиде бунёд кунанд. Дар онҷо як калисое ба фурӯш гузошта шудааст. Оё барои онҳо ҷоиз аст, ки ин калисоро бихаранд ва онро ба масҷид табдил диҳанд? Албатта баъд аз дур кардани салибҳои калисо ва маҳв намудани суратҳо ва нақшу нигориши овехташуда.

Матни ҷавоб

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Бале, ҷоиз аст, ки онро бихаранд ва ба масҷид табдил диҳанд ва воҷиб аст, ки салибҳову суратҳои овехташуда ва нақшу нигоршуда маҳв карда шаванд ва ҳамчунин тамоми осоре, ки ба калисо будани макон далолат мекунад, маҳв карда шавад. Мо ягон монеъеро намедонем, ки ин амалро манъ кунад. Аз фатовои "Кумитаи доимӣ" (6/267).

Аз ҷумлаи далелҳое, ки ба ҷоиз будани табдили ибодатхонаҳои ширку куфр ба масҷидҳо далолат мекунад, ҳадиси зерин аст: Аз Талқ ибни Алӣ (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) ривоят аст, ки гуфт: Ҳамроҳи гуруҳе ба сӯи паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) рафтем, ӯро байъат кардему ҳамроҳаш намоз хондем ва ба ӯ хабар додем, ки дар сарзамини мо калисое (ибодатхонаи насрониён ё яҳудиён) вуҷуд дорад ва аз паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) дархост кардем, ки аз боқимондаи оби вузӯаш ба мо ато кунад. Ӯ об талаб кард ва бо он вузӯ гирифта, мазмаза намуд, сипас онро ба зарфе рехт ва ба мо дастур дода, гуфт: «Бароед ва ҳар гоҳ ба сарзамини худ расидед, калисоро бишканед ва ин обро дар макони он бипошед ва он маконро масҷид қарор бидиҳед». Гуфтем: Сарзамини мо дур аст, гармӣ сахт аст ва об хушк мешавад. Фармуд: «Ба он об илова кунед, ки хайри онро афзун мекунад». Пас ба роҳ

бaромадем ва чун ба сарзамини худ расидем, ибодатгоҳамонро шикастем ва ба он ҷо об пошидем ва онро масҷид кардем. Дар он ҷо азон додем ва чун роҳиб марде аз қабилаи Тай онро шунид, гуфт: "Даъвати ҳақ". Сипас ба яке аз теппаҳои мо баромад ва дигар ӯро надидем.
Ривояти Насоӣ (694).

Бинои онро аз асосаш вайрон кардан лозим нест, модоме ки девору шифт ва дигар қисмати бино қобили истифода бошад. Метавонед тағйироти меъмории лозимаро анҷом дода, сафҳои биноро ба сӯи Каъба қарор бидиҳед ва тамоми мазоҳири ширк ва ҳаромҳоро бартараф намоед.

Аллоҳ таъоло тавфиқдиҳанда ва Ӯ донотару ҳакимтар аст. Сарчашма: Шайх Муҳаммад Солеҳ Ал-Мунаҷҷид.

## Оё дар масҷиде, ки бо пули рибо сохта шудааст, намоз хондан ҷоиз аст?

**Савол**

**Дар минтақаии ман маркази исломие сохта шудааст. Мусулмонон амлокро бо гирифтани қарзи бузург бо фоидаҳои рибавӣ харидаанд. Масҷид бо истифодаи ин фоидаҳо сохта шудааст. Оё барои донишҷӯи мусулмон ҳаром аст, ки дар ин масҷид намоз бихонад ва ё дигар фаъолиятҳоеро анҷом бидиҳад? Ё бар ӯ воҷиб аст, ки ба масҷидҳои дигари минтақа биравад?**

Матни ҷавоб
Ҳамду сано барои Аллоҳ.
Намоз хондан дар ин масҷид ҷоиз аст. Касоне, ки бо рибо қарз гирифтаанд, бояд ба сӯи Аллоҳ тавба кунанд.
Аллоҳ тавфиқдиҳанда аст. Сарчашма: Шайх Муҳаммад Солеҳ Ал-Мунаҷҷид.

## Оё кӯдаконро аз омадан ба масҷид манъ кард?

Савол
Оё кӯдаконро аз омадан ба масҷид барои намози таровеҳ бо ҳамроҳии модаронашон манъ кунем, зеро онҳо зиёд вайронкорӣ ва ноором мекунанд?

Матни ҷавоб
Ҳамду сано барои Аллоҳ.
Ман ин саволро аз Шайх Абдулазиз ибни Боз (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) пурсидам.
Чунин посух дод:
Гузашта мешаванд, чуноне ки дар ҳадисҳо омадааст:
"Он чи барои насли пешин хуб аст, барои насли баъдӣ аст"
Аллоҳ донотар аст. Сарчашма: Шайх Абдулазиз Ибни Боз (Раҳмати Аллоҳ Бар Ӯ Бод).

## Зиёрати масҷиди Аќсо дар Фаластин

Савол
Оё барои касе, ки дар хориҷи Фаластин зиндагӣ мекунад, ҷоиз аст, ки барои адои намоз дар масҷиди Аќсо ба онҷо сафар намояд?

Матни ҷавоб
Ҳамду сано барои Аллоҳ.
Зиёрати масҷиди Аќсо ва намоз хондан дар онҷо суннат аст, агар ин чиз муяссар шавад, зеро паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: «Қофилаи сафар баста намешавад, магар ба се масҷид: Масҷидулҳаром, масҷиди ман ва масҷиди Аќсо». Муттафақун алайҳ (Ривояти Бухорӣ ва Муслим).

Аллоҳ тавфиқдиҳанда аст. Сарчашма: Китоби "Маҷмуъу Фатово Ва Мақолотун Мутанаввиа"-И Шайх Абдуллоҳ Ибни Боз (Раҳмати Аллоҳ Бар Ӯ Бод) Саҳ/214.

## Хидматгорзани кофирро ба ҳарам бурдан ҷоиз нест

Савол

Хидматгорзани кофирро бо худ овардан ва ӯро ба ҳарам ворид сохтан чӣ ҳукм дорад? Агар шахс бо ҳамроҳии хидматгорзани кофир биёяд, чӣ бояд кард?

Матни ҷавоб

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

"Чӣ гуна ӯ зани кофиреро ба Масҷиду-л-ҳаром мебарад, дар ҳоле ки Аллоҳ таъоло мефармояд:

فَلَا يَقْرَبُوا الْمَسْجِدَ الْحَرَامَ بَعْدَ عَامِهِمْ هَذَا التوبة/28

«Пас, баъд аз ин сол набояд ба Масҷиду-л-ҳаром наздик шаванд». (Сураи Тавба: 28).

Ин амал бар ӯ ҳаром аст ва агар фикр кунад, ки ӯ ба ин чиз маҷбур шудааст, ба ӯ мегӯяд: Мусулмон шав. Агар ӯ мусулмон шавад, ин ҳамон чизи талабшуда аст. Агар ӯ мусулмон нашавад, бояд бо ӯ бимонад ва ё ӯро ба сӯи хонаводааш бифиристад.

Аммо дар мавриди бо худ овардани хидматгорзани кофир ба Макка, ин амал ҷоиз нест. Аввал: Ин амал нофармонӣ ба Аллоҳ таъоло аст. Дуввум: Ин амал беэҳтиромӣ нисбати ҳарам мебошад. Бинобар ин, ӯ ва хидматгорзани кофир бармегарданд ва ё ин ки ӯро ба кишвараш мефиристад". Поёни сухан."Маҷмӯу фатово"-и Ибни Усаймин (23/433).

Барои дарёфти фоида ба ҷавоби саволи рақами (2192) нигаред. Аллоҳ донотар аст.

Сарчашма: Ислом Савол Ва Ҷавоб.

Оё эътикоф дар намозхонаҳо ва марказҳои исломӣ дуруст аст?

Савол

Оё эътикоф дар намозхонаҳо ва марказҳои исломӣ (ки дар онҷо намозҳои панҷгона ва ҷумъаро мехонанд) ҷоиз аст, ё

эътикоф танҳо дар масҷид ҷоиз аст? Аллоҳ бароятон подоши некӯ диҳад.

Матни ҷавоб
Ҳамду сано барои Аллоҳ.
Эътикоф танҳо дар масҷидҳо дуруст аст, зеро Аллоҳ таъоло мефармояд:

وَلا تُبَاشِرُوهُنَّ وَأَنْتُمْ عَاكِفُونَ فِي الْمَسَاجِدِ البقرة/187 .

«Ва дар ҳоле, ки дар масҷидҳо ба эътикоф нишаста бошед, бо ҳамсаронатон ҳамбистар нашавед». (Сураи Бақара: 187).

Ҳофиз Ибни Ҳаҷар (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) гуфтааст:
"Ин оят далолат мекунад, ки агар эътикоф дар ғайри масҷид дуруст мебуд, ҳаром будани ҳамбистарӣ бо занон махсуси масҷид намегардид. Чун бо иҷмои донишмандон ҳамбистарӣ бо эътикоф мунофот дорад. Бинобар ин, аз зикр шудани масҷидҳо фаҳмида мешавад, ки манзур ин аст, ки эътикоф танҳо дар масҷидҳо анҷом дода мешавад. Ибни Мунзир иҷмои донишмандонро нақл кардааст, ки манзур аз ҳамбистарӣ дар ин оят ҷимоъ ва алоқаи ҷинсӣ мебошад. Табарӣ ва дигарон оиди сабаби нозил шудани ин оят аз тариқи Қатода ривоят кардаанд, ки ҳар гоҳ онҳо (саҳобагон) ба эътикоф менишастанд ва марде барои ҳоҷати худ мерафт ва бо ҳамсараш рӯбарӯ мешуд, агар бихоҳад, бо ӯ ҳамбистарӣ менамуд. Сипас ин оят нозил шуд". Поёни сухан.
Ибни Қудома (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) дар китоби "Ал-Муғнӣ" (3/65) гуфтааст:
Эътикоф ҷуз дар масҷиде, ки дар он намози ҷамоат баргузор мешавад, ҷоиз нест... Ва эътикоф дар ғайри масҷид дуруст нест, агар фарди эътикофнишин мард бошад. Мо намедонем, ки байни донишмандон дар ин масъала ихтилофе бошад. Асос дар он сухани Аллоҳ таъоло аст, ки мефармояд:

وَلا تُبَاشِرُوهُنَّ وَأَنْتُمْ عَاكِفُونَ فِي الْمَسَاجِدِ البقرة/187 .

«Ва дар ҳоле, ки дар масҷидҳо ба эътикоф нишаста бошед, бо ҳамсаронатон ҳамбистар нашавед». (Сураи Бақара: 187). Поёни сухан бо ихтисор.

Нававӣ дар китоби "Ал-Маҷмуъ" (6/505) гуфтааст: "Эътикофи марду зан дуруст нест, магар дар масҷид. Дар масҷиди хонаи зан ва дар масҷиди хонаи мард, ки як ҷои алоҳидаи омодашуда барои намоз аст, дуруст намебошад". Поёни сухан.

Шайх Ибни Усаймин гуфтааст: "Эътикофи шаръӣ бояд дар масҷидҳо бошад, зеро Аллоҳ таъоло мефармояд:

وَأَنْتُمْ عَاكِفُونَ فِي الْمَسَاجِدِ البقرة/187 .

«Ва дар ҳоле, ки дар масҷидҳо ба эътикоф нишастед». (Сураи Бақара: 187).

Поёни сухан аз "Фатово нурун ала-д-дарб" (8/176).

Лутфан ба ҷавоби саволи рақами (48985) нигаред.

Бар ин асос, эътикоф дар намозхонаҳо ё марказҳои исломӣ ҷоиз нест. Аллоҳ донотар аст.

Сарчашма: Ислом Савол Ва Ҷавоб.

## Ҳукми намози таровеҳ барои мусофир

Савол

Рамазон моҳест, ки дар он ҳар як мусулмон барои ибодат кардан ғайрати бештар пайдо мекунад, ки ин ҳолат ба ҳар бинанда ба таври возеҳ аён аст. Мехоҳам, ки доир ба ҳукми намози таровеҳ барои шахсе, ки дар сафар аст, бипурсам?

Матни ҷавоб

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Намози таровеҳ дар моҳи Рамазон шабзиндадорӣ ба шумор меравад, ки Аллоҳ таъоло аҳли онро ситоиш намуда, чунин фармудааст:

كَانُوا قَلِيلًا مِّنَ اللَّيْلِ مَا يَهْجَعُونَ الذاريات/17

"Онҳо каме аз шабро мехобиданд (ва бақияи шабро бо намоз мегузарониданд)". (Сураи Зориёт: 17).

Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) дар Рамазон ва ғайри он шабзиндадорӣ мекард ва намози шабро чӣ дар хона бошад ва чӣ дар сафар тарк намекард.

Ибни Қайим (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) дар ин хусус чунин мегӯяд: "Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) чӣ дар хона ва чӣ дар сафар намози шабро тарк намекард. Ҳар гоҳ аз сабаби хастагӣ ва ё беморӣ онро хонда натавонад, рӯзона дувоздаҳ ракъат намоз мехонд". "Зоду-л-маъод" (1/311).

Бухорӣ (945) аз Ибни Умар (Аллоҳ аз он ду хушнуд бод) ривоят кардааст, ки гуфт: "Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) намози шабро ба истиснои намозҳои фариза дар сафар бар пушти маркаб ва ба ҳар тарафе, ки он мерафт, ишора намуда мехонд. Намози витрро низ бар пушти маркаб мехонд".

Бухорӣ (1034) аз Солим ибни Абдуллоҳ ибни Умар (Аллоҳ аз он ду хушнуд бод) ривоят кардааст, ки гуфт: Абдуллоҳ ибни Умар (Аллоҳ аз он ду хушнуд бод) намози шабро дар сафар бар болои маркабаш мехонд ва ба самти қибла эътибор намедод. Ибни Умар гуфт: "Расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) бар пушти маркаб ва ба ҳар тарафе, ки он мерафт, намози нафл мехонд. Намози витрро низ бар пушти маркаб мехонд. Вале намози фарзро бар пушти маркаб намехонд".

Шахси мусофир дар сафар аз ҷумлаи намозҳои нафл танҳо суннатҳои қаблӣ ва баъдии пешин ва суннати шом ва суннати хуфтанро тарк мекунад. Аммо ғайри он, дигар суннатҳову нофилаҳо барои мусофиру муқим машрӯъ аст.

Муслим дар китоби "Саҳиҳ"-и худ (1112) аз Ҳафс ибни Осим ибни Умар ибни Хаттоб ривоят кардааст, ки ӯ гуфтааст: Дар роҳи Макка ҳамроҳ бо Ибни Умар будам. Намози пешинро бар мо ду ракъат хонд. Баъд ба роҳ баромад ва мо низ ҳамроҳаш ба роҳ шудем. Вақте назди

маркабаш омад, бар он нишаст ва мо низ чунин кардем. Сипас, ба он ҷойе, ки намоз хонда буд, нигоҳ карда, чашмаш ба гурӯҳе афтид, ки намоз мехонданд. Баъд гуфт: Онҳо чӣ мекунанд? Гуфтам: Онҳо намози суннат мехонанд. Гуфт: Агар ман суннат хонданӣ бошам, намози фарзамро пурра мехондам. Эй бародарзода, ман дар сафар ҳамроҳи расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) будам. Ӯ то дами марг (дар сафар) аз ду ракъат зиёд намехонд. Баъд ҳамроҳи Абубакр будам. Ӯ низ то дами марг дар сафар аз ду ракъат зиёд намехонд. Баъд ҳамроҳи Умар будам. Ӯ ҳам то дами вафот дар сафар аз ду ракъат зиёд намехонд. Баъд ҳамроҳи Усмон будам. Ӯ низ то дами вафот дар сафар аз ду ракъат зиёд намехонд. Аллоҳ таъоло фармудааст:

لَقَدْ كَانَ لَكُمْ فِي رَسُولِ اللَّهِ أُسْوَةٌ حَسَنَةٌ

"Дар ҳақиқат барои шумо дар (гуфтору кирдор ва рафтори) расулуллоҳ, намунаи накӯе аст".

(Сураи Аҳзоб: 21).

Сухани Ибни Умар (Аллоҳ аз он ду хушнуд бод): "Агар ман суннат хонданӣ бошам, намози фарзамро пурра мехондам" маънои онро дорад, ки агар ман дар сафар намози нафлро интихоб намоям, бароям беҳтар он буд, ки фарзро чаҳор ракъат пурра хонам. Вале ман ин дуро раво намедонам, зеро қаср (кӯтоҳ кардани фарзҳои чор ракъата) ва тарк кардани суннатҳои ротиба (суннатҳои қаблӣ ва баъдии намозҳои фариза) суннат мебошад.

Аз донишмандони кумитаи доимии фатво пурсиданд:
Шумо оиди мусофирон чӣ мегӯед, оё барояшон беҳтар аст, ки намози таровеҳро дар Рамазон бихонанд ё не? (Дар ҳоле ки онҳо намозро қаср мехонанд).

Дар ҷавоб гуфтанд: "Намози шабҳои Рамазон (таровеҳ) аз тарафи расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) суннат гардонида шудааст. Аз ин хотир саҳобагон (Аллоҳ аз онҳо хушнуд бод) ин суннатро аз паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ

бар ӯ бод) омӯхта, ба он амал карданд ва (ин суннат) то имрӯз  идома ёфтааст. Дар "Саҳиҳ"-и Бухорӣ ва "Саҳиҳ"-и Муслим аз Оиша (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) ҳадисе собит шудааст, ки расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) чанд шабе (дар моҳи Рамазон) намоз хонд ва саҳобагон низ бо ҳамроҳи ӯ намоз хонданд. Баъд аз он дигар ба намози шаб набаромад ва дар боқимондаи моҳ дар хонаи худ намози шаб хонд. Сипас фармуд: "Тарсидам, ки бар шумо фарз гардаду шумо онро адо карда натавонед".
Дар ривояти Бухорӣ омадааст, ки Умар (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) мардумро ҷамъ намуда, Убай ибни  Каъбро имом таин намуд ва ӯ ба онҳо намози таровеҳ хонд.

Дар "Саҳиҳ"-и Бухорӣ ва "Саҳиҳ"-и Муслим аз Абусалама ибни Абдураҳмон собит шудааст, ки ӯ ба Оиша (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) чунин савол дод: Намози шаби расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) чӣ гуна буд? Оиша (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) дар ҷавоб гуфт: "Дар моҳи Рамазон ва ғайри он аз ёздаҳ ракъат зиёд намехонд".

Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) дар моҳи Рамазон сафар мекард, аз ҷумлаи сафарҳое, ки паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) дар ҳамин моҳ анҷом дода буд, сафар ба фатҳи Макка мебошад. Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) рӯзи даҳуми моҳи  Рамазони соли ҳаштуми ҳиҷрӣ ба сафар баромад. Ибни Қаййим фармудааст: "Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) чӣ дар хона ва чӣ дар сафар намози шабро тарк  намекард. Ҳар гоҳ аз сабаби хастагӣ ва ё беморӣ онро хонда натавонад, рӯзона дувоздаҳ ракъат мехонд".
Аз ин маълум мешавад, ки агар онон намози таровеҳро дар сафар бихонанд, ба таҳқиқ суннатро ба ҷой овардаанд. Поёни сухан. "Фатово-л-лаҷнату-д-доима" (7/206).

Хулоса, намози таровеҳ барои мусофир мисли шахси муқим суннат аст, зеро паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) намози шабро дар хона ва ҳам дар сафар бардавом мехонд.
Аз Аллоҳ таъоло мепурсем, ки мову шуморо ба тоат ва ризои худ муваффақ гардонад.
Аллоҳ донотар аст. Сарчашма: Ислом Савол Ва Ҷавоб.

## Ҳукми қироат намудан аз рӯи мусҳаф дар намоз

Савол
Қироат намудан аз рӯи мусҳаф дар намози таровеҳ ва кусуф ҷоиз аст ва ё на?

Матни ҷавоб
Ҳамду сано барои Аллоҳ.
Қироат намудан аз рӯи мусҳаф дар қиёми Рамазон ҳеҷ боке надорад, зеро ба сабаби ин, ба муқтадиён тамоми Қуръонро мешунавонад. Ҳамчунин далелҳои шаръӣ, аз Қуръону суннат бар машрӯияти қироат намудани Қуръон дар намоз далолат мекунад. Он далелҳо қироат намудани Қуръонро хоҳ аз рӯи мусҳаф бошад ва ё аз ҳифз дарбар мегирад. Аз Оиша (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) собит шудааст, ки ӯ ба ғуломи озодкардаи худ Заквон дастур дод, ки дар қиёми Рамазон ба ӯ имоматӣ кунад ва ӯ аз мусҳаф қироат мекард. Бухорӣ (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) ин ривоятро дар "Саҳиҳ"-и худ ба таври муъаллақу маҷзум зикр кардааст.
Сарчашма: "Фатово Исломия" Ҷилди 2. Шайх Ибни Боз (Раҳмати Аллоҳ Бар Ӯ Бод)

## **Ҳукми намоз хондани мардон дар пушти занон дар ҳангоми зарурат**

Савол
Намоз хондани мардон дар пушти занон ва ё дар паҳлӯи онон чӣ ҳукм дорад?

Матни ҷавоб
Ҳамду сано барои Аллоҳ.
"Машрӯъ ин аст, ки дар масҷидҳо сафҳои мардон пеш аз занон бошад ва сафҳои занон дар пушти мардон бошад. Ҳар ҷое агар занон дар қафои мардон намоз гузоранд, ҳамин машрӯъ аст ва ин воҷиб аст. Аммо агар зарурате пеш ояд, масалан дар айёми ҳаҷ ва мавсимҳои ҳаҷ дар масҷиди Набавӣ ва ё масҷидулҳаром гоҳо занон дар тарафи рост ё чап ва ё дар пеши мардони намозгузор қарор мегиранд, ин ба намози мардон ҳеҷ зараре надорад ва намозашон дуруст аст. Ҳатто агар занон дар тарафи пеш, рост ва ё чапи мардон бошанд, ин бароятон ҳеҷ зараре надорад. Аммо суннат, машрӯъ ва воҷиб ин аст, ки занон дар пушти мардони намозгузор бошанд". Поёни сухан.
Шайх Абдулазиз ибни Боз (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод).
"Фатово нурун ала-д-дарб" (2/919).
Сарчашма: Шайх Абдулазиз Ибни Боз (Раҳмати Аллоҳ Бар Ӯ Бод). "Фатово Нурун Ала-Д-Дарб" (2/919).

## Оё хунукии сахт барои тарк намудани намози ҷамоъат узри шаръӣ шуда метавонад?

Савол
Касе, ки дар кишвари хеле хунук зиндагӣ мекунад ва метарсад, ки агар ба намози субҳ (ба масҷид) равад, бемор мешавад, аз ин рӯ, дар хона намоз мехонад, оё намози ӯ (дар хона) дуруст аст?

Матни ҷавоб
Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Намози ҷамоъат дар масҷид бар мардони тавонманд воҷиб аст, зеро далелҳои зиёде бар он далолат мекунад. Баъзе аз он далелҳоро дар ҷавоби саволи рақами (120) ва рақами (8918) зикр кардем. Суннат далолат мекунад, ки касе, ки дар хона намоз бихонад ва намози ҷамоъатро дар масҷид

нагузорад, агар бо сабаби узр бошад, ҳеҷ боке надорад. Ибни Моҷа (793) аз Ибни Аббос (Аллоҳ аз он ду хушнуд бод) аз паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ривоят кардааст, ки мефармояд:«Касе ки азонро бишнавад, вале ба масҷид наояд, намози ӯ пазируфта намешавад, магар ин ки узре дошта бошад». Албонӣ ин ҳадисро дар китоби "Ал-Ирво" (2/337) саҳеҳ донистааст.

Агар бо пӯшидани либосҳои зиёд, гармкунакҳо, рафтан ба масҷид бо мошин ва ғайра аз хунукӣ парҳез карда нашавад ва битарсад, ки агар ба намоз бароянд, бемор мешавад, пас он барои тарк намудани намози ҷамоъат узр ҳисобида мешавад. Аммо агар аз хунукӣ парҳез карда шавад ва бими гирифторӣ ба беморӣ набошад, пас ин чиз (барои тарк намудани намози ҷамоъат) узр ҳисобида намешавад. Бухорӣ (632) ва Муслим (697) аз Нофеъ ривоят кардаанд, ки ӯ гуфтааст: Ибни Умар дар шаби сарде дар Заҷнон - кӯҳе дар байни Макка ва Мадина - азон дод, сипас гуфт: Дар иқоматгоҳатон намоз бихонед. Сипас ба мо гуфт, ки расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) дар шабҳои сард ё боронӣ, дар сафар ба муаззин дастур медод, то азон бигӯяду, баъд аз он бигӯяд: «Дар иқоматгоҳатон намоз бихонед».
Ҳофиз (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) гуфтааст: Дар "Саҳиҳ"-и Абуавона омадааст: «Шаби сард, борон ва ё шамол». Ин далолат мекунад, ки ҳар яке аз ин се ҳолат барои нарафтан ба намози ҷамоъат узр шуда метавонад. Ибни Баттол дар ин масъала иҷмоъро нақл кардааст, вале дар назди шофеиён машҳур ин аст, ки шамол танҳо дар шаб узр шуда метавонад ва зоҳири ҳадис ҳам далолат мекунад, ки ин се ҳолат махсуси шаб мебошад. Аммо дар "Сунан" аз тариқи Ибни Исҳоқ аз Нофеъ, дар ин ҳадис омадааст: «Дар шаби боронӣ ва субҳи хеле хунук». Дар ин масъала бо санади саҳеҳ ҳадиси Абулмалиҳ аз падараш ворид шудааст: «Рӯзе ба онон борон борид, пас ба онҳо иҷозат дод». Дар ягон ҳадисе

надидаам, ки дар он ба таври возеҳ омада бошад, ки шамоли рӯз (барои нарафтан ба намози ҷамоъат) узр ҳисобида шавад. Вале қиёс (яъне қиёс намудани шамол ба борон ва сардӣ) илова кардани онро талаб мекунад. Маънои сухани ӯ: «Дар сафар», зоҳири он далолат мекунад, ки ин ҳолат махсус ба сафар аст. Ривояти зерин, ки Молик аз Нофеъ дар бобҳои намози ҷамоъат ривоят кардааст, мутлақ аст, ки ҷумҳури донишмандон бар ин назаранд. Аммо қоидаи "Мутлақ ба муқайяд баргардонида мешавад" далолат мекунад, ки ин ҳолат махсуси мусофир аст. Дар ин маврид шахсе низ дохил мешавад, ки бо вуҷуди дар шаҳри худ буданаш намози ҷамоъат барояш машаққатовар аст, аммо касе, ки (намози ҷамоъат) барояш машаққатовар нест, ба ин чиз дохил намешавад. Аллоҳ донотар аст. Поёни сухан.

Абуисҳоқи Шерозӣ (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) дар китоби "Ал-Муҳаззаб" (1/176) гуфтааст: "Намози ҷамоъат бо узр соқит мешавад, ки узрҳо зиёданд, аз ҷумла: Бими зарар ба ҷон ё молаш бошад ва ё бемории дошта бошад, ки бо сабаби он ба масҷид рафтан барояш душвор бошад". Поёни сухан. Нававӣ дар китоби "Ал-Маҷмуъ" (4/99) оиди узрҳое, ки ба хотири он тарк намудани намози ҷамоъат раво мегардад, суханронӣ намуда, мегӯяд:"Хунукии сахт ҳам дар шабу ва ҳам дар рӯз узр ҳисобида мешавад. Гармии сахт дар пешин узр аст. Барф агар либосро тар кунад, узр ҳисобида мешавад".

Поёни сухан.

Дар китоби "Ал-Мавсуъату-л-фиқҳияту-л-кувайтия" (16/281) омадааст: "Хунукии сахт дар шаб ва ё дар рӯз ва инчунин гармии сахт аз ҷумлаи узрҳои умумиест, ки ба намози ҷамоъат нарафтанро раво мегардонад. Мақсад аз он: Хунукӣ ё гармиест, ки аз он гармӣ ё хунукие, ки мардум ба он одат кардаанд, бештар бошад ва ё мардуми минтақаҳои гарм ё хунук ба он одат карда бошанд". Поёни сухан.

Боз дар китоби "Ал-Мавсуъату-л-фиқҳияту-л-кувайтия" (8/57-58) омадааст:"Ва дар мавриди намози ҷумъа ва ҷамоъат бошад, донишмандон дар хунукии сахт ба намози ҷумъа ва ҷамоъат иштирок накарданро дар шаб ё рӯз ҷоиз донистаанд". Поёни сухан. Аллоҳ донотар аст.
Сарчашма: Ислом Савол Ва Ҷавоб

## Оё кӯдаконро аз омадан ба масҷид манъ кард?

Савол
Оё кӯдаконро аз омадан ба масҷид барои намози таровеҳ бо ҳамроҳии модаронашон манъ кунем, зеро онҳо зиёд вайронкорӣ ва ноорромӣ мекунанд?

Матни ҷавоб
Ҳамду сано барои Аллоҳ.
Ман ин саволро аз Шайх Абдулазиз ибни Боз (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) пурсидам.
Чунин посух дод:
Гузашта мешаванд, чуноне ки дар ҳадисҳо омадааст:
"Он чи барои насли пешин хуб аст, барои насли баъдӣ аст"
Аллоҳ донотар аст. Сарчашма: Шайх Абдулазиз Ибни Боз (Раҳмати Аллоҳ Бар Ӯ Бод).

## Ҳукми намози ҷумъа барои зан

Савол
Модарам намозҳои панҷгона ва тамоми намозҳои суннат, аз ҷумла намози зуҳо ва витрро мехонад, аммо дар рӯзи ҷумъа танҳо дар масҷиди ҷомеъе, ки тақрибан нӯҳ километр дур аст, намоз мегузорад. Ман ба ӯ насиҳат мекунам, ки намози зан дар хонааш барояш беҳтару дурусттар аст, вале ӯ исрор

дорад, ки дар рӯзи ҷумъа ба масҷид биравад. Оё хориҷ шудани ӯ барои намоз ишколе дорад?

Матни ҷавоб
Ҳамду сано барои Аллоҳ.
"Ҳеҷ боке надорад. Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: «Канизони Аллоҳро аз рафтан ба масҷидҳои Аллоҳ боз надоред».
Агар ӯ барои шунидани хутба ва истифода бурдан аз он, бо сатру ҳиҷоб ва эҳтиёткорона берун биравад, ин амал ҳеҷ боке надорад ва ҳеҷ ишколе бар ӯ нест. Аммо хонааш барояш беҳтар аст ва дар хона чаҳор ракъат намози пешин мехонад. Вале агар (барои намози ҷумъа) берун барояд, дар ҳоле ки эҳтиёткору боҳиҷоб ва эмин бошад ва нияташ нек ва гӯш кардани хутба ва истифода бурдан аз он бошад, ӯро боз мадоред, чунки дар ин амал ҳеҷ боке нест ва ҳеҷ ишколе бар ӯ нест, иншааллоҳ.
Занон бо ҳамроҳи паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) дар масҷиди ӯ намоз мехонданд ва дар хутба ва намози ҷумъа ҳозир мешуданд. Бисёре аз занон бо ҳамроҳи паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) дар намози ҷумъа иштирок мекарданд, аз ин рӯ, ин амал ҳеҷ боке ва ишколе надорад, вале «хонаҳояшон барояшон беҳтар аст». Поёни сухан.
Шайх Абдулазиз ибни Боз (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) "Фатово нурун ала-д-дарб" (2/1051).
Сарчашма: Шайх Абдулазиз Ибни Боз (Раҳмати Аллоҳ Бар Ӯ Бод), "Фатово Нурун Ала-Д-Дарб" (2/1051).

## Ҳукми тавоф дар вақти хутбаи ҷумъа

Савол
Ҳангоме ки имом хутбаи ҷумъа мехонад, оё ҷоиз аст, ки ман тавофи видоъ намоям?

Матни ҷавоб
Ҳамду сано барои Аллоҳ.
Донишмандон дар ҳукми тавоф дар вақти хутбаи ҷумъа ихтилоф кардаанд, хоҳ тавофи воҷиб бошад, монанди тавофи ифоза, тавофи видоъ ва тавофи умра ё тавофи мустаҳаб бошад.
Моликиён онро ба намоз қиёс намуда, ин амалро мамнӯъ донистаанд. Барои намозгузор ҷоиз нест, ки дар вақти хутбаи ҷумъа намоз бихонад, ба ҷуз таҳияи масҷид, зеро ин кор эъроз аз хатиб ва саҳлангориву бепарвоӣ нисбати хутба ҳисобида мешавад. Тавоф дар ин бобат ба монанди намоз аст. Ниг: "Мавоҳибу-л-ҷалил" (3/78).
Шофеиён тавоф дар вақти хутбаи ҷумъаро ҷоиз медонанд ва қиёс намудани онро ба намоз дуруст намеҳисобанд, зеро тавоф ба гӯш кардани хутба ягон монеияте эҷод намекунад, бар хилофи намоз, ки ғофил мондан аз хутба дар ҳоли намоз бештар аст.
Ниг: "Ал-Ғурару-л-баҳийя" (2/29) ва "Ал-Фатово-л-фиқҳияту-л-кубро" (1/239).

Шайх Ибни Ҷибрин дидгоҳи ҷоиз набудани тавоф дар вақти хутбаи ҷумъаро интихоб кардааст.
Аз ӯ пурсиданд: Тавофи нофила барои муқиму мусофир, ҳангоме ки хатиб дар рӯзи ҷумъа хутба мехонад, чӣ ҳукме дорад?
Дар ҷавоб гуфт: "Ҳар гоҳ хатиб хутбаро шурӯъ кунад, намозгузорон бояд хутбаро бодиққат гӯш кунанд ва дар ҷойҳои худ бимонанд ва ғайр аз гӯш кардани хутба машғул шудан ба чизи дигар ҷоиз нест, магар касе, ки ҳангоми хутба (ба масҷид) ворид шавад, ки ӯ ду ракъат намоз мегузорад, вале онро сабук ва кӯтоҳ мехонад, хоҳ аз аҳли Макка бошад ё аз аҳли Макка набошад. Далелҳо бар манъ будани ҳаракат ва сухан гуфтан дар вақти хутба ом аст, ки ҳатто паёмбар (друду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст:

«Агар имом машғули хондани хутба бошад, ба ҳамнишини худ бигӯӣ, ки хомӯш шав, ба таҳқиқ сухани беҳуда гуфтаӣ». Ҳамингуна паёмбар аз ин калима ҳушдор дод, гарчанде ки барои намоз аст. Бар асоси ин, назари мо ин аст, ки то замоне ки имом хутбаи ҷумъа мехонад, тавоф кардан ба ҳар ҳол ҷоиз нест. Дар замони пеш имомон аз тавоф кардан дар вақти хутба манъ мекарданд, вале имомони ҳозира саҳлангорӣ карданд ва иддао доранд, ки мо пеши роҳи он нафароне, ки тавоф мекунанд, он нафароне ки мегӯянд, онҳо мусофиранд, тавофи видоъ мекунанд ва ё он нафароне, ки тавофро аз гӯш кардани хутба беҳтар медонанд, гирифта наметавонем. Аммо ин дуруст нест. Мо фикр мекунем, ки то ба охир расидани намози ҷумъа, бояд онҳо манъ карда шаванд. Аммо дар мавриди хутбаи ид бошад, тавоф кардан дар ҳангоми ин хутба ҳеҷ боке надорад, зеро он суннат аст ва барои намозгузорон воҷиб нест, ки то ба поён расидани он боқӣ бимонанд".

Поёни сухан аз маҷаллаи "Ал-Ҳарасу-л-ватанӣ" шумораи 272, таърихи 01/01/2005.

Аллоҳ донотар аст.

Сарчашма: Ислом Савол Ва Ҷавоб.

## Ташкил намудани якчанд намозгоҳи ид дар як шаҳр

Савол

Ташкилоти исломӣ толори бузургеро барои баргузории намози идайн ба иҷора гирифтааст. Оё барои ҷамоъате, ки тақрибан сӣ мил аз толор дуранд, ҷоиз аст, ки намози идро дар масҷиди худ баргузор кунанд? Бояд қайд кард, ки васоили нақлиёт вуҷуд доранд. Оё беҳтар нест, ки бештари

мусулмонон барои намози ид дар як толор ҷамъ шаванд, ба ҷои ин ки дар якчанд ҷамоъат намозро баргузор намоянд?

Матни ҷавоб
Ҳамду сано барои Аллоҳ.
Агар тавонед дар як ҷой ҷамъ шавед, ин беҳтар аст, аммо агар ин барояшон душвор бошад, ҳеҷ боке нест, ки онҳо дар шаҳри худашон, ки аз макони баргузории намози ид сӣ километр ва ё монанди он дуртар аст ва якҷо шуданашон душвор аст, намоз гузоранд. Тавфиқ аз ҷониби Аллоҳ аст.
Сарчашма: Аллаҷнату-Д-Доимату
Ли-Л-Буҳуси-Л-Илмийяти Ва-Л-Ифто (8/292).

## Аҳкоми ид ва суннатҳои он рӯз

Савол
Ман мехоҳам бархе аз суннатҳо ва аҳкоме, ки дар рӯзи ид анҷом дода мешавад, бидонам.

Матни ҷавоб
Ҳамду сано барои Аллоҳ.
Аллоҳ таоло дар ид аҳкоми зиёдеро муқаррар намудааст, аз ҷумла:
Аввал: Гуфтани такбир дар шаби ид, аз ғуруби офтоби охирин рӯзи Рамазон то ҳузури имом ба намози ид.
Сифати такбир чунин аст:
اللهُ أَكْبَرُ ، اللهُ أَكْبَرُ لَا إِلَهَ إِلَّا اللهُ وَاللهُ أَكْبَرُ ، اللهُ أَكْبَرُ وَلِلهِ الْحَمْدُ
"Аллоҳу акбар, Аллоҳу акбар, ло илоҳа иллаллоҳ, Аллоҳу акбар, Аллоҳу акбар ва лиллаҳи-л-ҳамд".
*(Аллоҳ бузургтар аст. Аллоҳ бузургтар аст. Ҳеҷ маъбуде бар ҳақ ҷуз Аллоҳ нест, Аллоҳ бузургтар аст, Аллоҳ бузургтар аст ва ситоиш барои Аллоҳ аст).*

Ё се маротиба такбир мегӯяд, бо ин тариқа:
اللهُ أَكْبَرُ ، اللهُ أَكْبَرُ ، اللهُ أَكْبَرُ لَا إِلَهَ إِلَّا اللهُ وَاللهُ أَكْبَرُ ، اللهُ أَكْبَرُ وَلِلهِ الْحَمْدُ

"Аллоҳу акбар, Аллоҳу акбар, Аллоҳу акбар, ло илоҳа иллаллоҳ, Аллоҳу акбар, Аллоҳу акбар ва лиллаҳи-л-ҳамд". *(Аллоҳ бузургтар аст. Аллоҳ бузургтар аст. Аллоҳ бузургтар аст. Ҳеҷ маъбуде бар ҳақ ҷуз Аллоҳ нест, Аллоҳ бузургтар аст, Аллоҳ бузургтар аст ва ситоиш барои Аллоҳ аст).*

Ҳамаи ин такбирҳо ҷоиз аст.
Сазовор аст, ки инсон овозашро бо ин зикр дар бозорҳо, масҷидҳо ва хонаҳо баланд кунад, аммо занон бо овози баланд такбир намегӯянд.

Дуввум: Пеш аз рафтан ба ид чанд дона хурмо бо адади тоқ мехӯрад, зеро расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) дар рӯзи иди Фитр то чанд дона хурмо нахӯрад, аз хона берун намешуд ва адади он тоқ буд. Дар хӯрдани хурмо адади тоқро риоя мекунад, чуноне ки паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) адади тоқро риоя кардааст.

Саввум: Беҳтарин либосҳояшро мепӯшад ва ин ҳукм барои мардон аст. Аммо занон ҳангоми рафтан ба идгоҳ либосҳои зебо намепӯшанд, чунки расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: «Занон бояд бидуни зинат ва атр берун раванд». Яъне бо либоси оддӣ, на бо либоси табарруҷ. Бар занон ҳаром аст, ки атру хушбӯӣ зада, худнамоӣ намуда, қисмате аз бадани худро намоён карда, худро бо зару зевар ороста бароянд.
Чаҳорум: Баъзе аз донишмандон гуфтаанд: Мустаҳаб аст, ки инсон барои намози ид ғусл бикунад, зеро ин амал аз баъзе аз гузаштагон ривоят шудааст. Ғусл барои намози ид мустаҳаб аст, ҳамон тавре ки барои намози ҷумъа, ба хотири ҷамъшавии мардум машрӯъ аст. Агар инсон ғусл намояд, беҳтар аст.

Панҷум: Намози ид. Мусулмонон бар машрӯъияти намози ид иҷмоъ намудаанд. Баъзе аз онҳо гуфтаанд: Намози ид суннат аст. Баъзе гуфтаанд: Намози ид фарзи кифоя аст. Ва баъзеи дигар гуфтаанд: Намози ид фарзи айн аст ва касе онро тарк кунад, гунаҳкор мешавад. Далели онҳо ин аст, ки паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ҳатто духтарони парданишин, тозаболиғ ва занонеро, ки одати берун рафтан аз хона надоранд, амр кардааст, то ба идгоҳ ҳозир шаванд, магар ин ки занони ҳоиза аз намозгоҳ дур мешинанд, зеро барои зани ҳайзшуда ҷоиз нест, ки дар масҷид бимонад, гарчанде ки гузар кардан аз масҷид ҷоиз бошад ҳам, вале дар онҷо истодан (барои зани ҳайзшуда) ҷоиз нест.
Пас аз назар намудан ба далелҳо сеҳеҳтарин дидгоҳ дар назди ман ин аст, ки намози ид фарз буда, бар ҳар як мард воҷиб аст, ки ба намози ид биравад, магар шахсе ки узр дошта бошад. Ва ин дидгоҳ интихоби Шайху-л-ислом Ибни Таймия аст.

Имом дар ракъати аввали ин намоз сураи «Саббиҳисма раббика-л-аъло» ва дар ракъати дуввум сураи «Ҳал атока ҳадису-л-ғошияҳ»-ро мехонад. Ва ё дар ракъати аввали ин намоз сураи Қоф ва дар ракъати дуввум сураи Қамарро мехонад. Ҳар ду ривоят дар ҳадисҳои саҳеҳ аз паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) собит шудаанд.

Шашум: Ҳар гоҳ ҷумъа ва ид дар як рӯз ҷамъ шаванд, намози ид ва инчунин намози ҷумъа баргузор мегардад, чуноне ки зоҳири ҳадиси Нӯъмон ибни Башир ба он далолат мекунад, ки онро Муслим дар "Саҳиҳ"-и худ ривоят кардааст. Аммо касе ки дар намози ид бо ҳамроҳи имом ширкат карда бошад, агар бихоҳад, ба намози ҷумъа биравад ва агар бихоҳад, намози пешин бихонад.

Ҳафтум: Яке аз аҳкоми дигари ид дар назди бисёре аз донишмандон ин аст, ки агар инсон пеш аз ҳозир шудани

имом ба намозгоҳи ид биравад, мешинад ва ду ракъат намоз намехонад, зеро паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) намози идро ду ракъат хонда ва қабл ва баъд аз он ягон намозе нахондааст.

Баъзе аз донишмандон бар ин назаранд, ки ҳар гоҳ (ба намозгоҳи ид) биёяд, наменишинад, то он даме ки ду ракъат намоз нахонад, зеро намозгоҳи ид масҷид ҳисобида мешавад, далели он ин аст, ки занони ҳоиза аз ҳозир шудани он манъ шудаанд. Бо ин далел, ҳукми масҷид барои намозгоҳ собит шудааст ва он далолат мекунад, ки намозгоҳ масҷид ҳисобида мешавад. Аз ин рӯ, ба умуми сухани паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ворид мегардад, ки фармудааст: «Ҳар гоҳ касе аз шумо дохили масҷид гардад, то ду ракъат намоз нагузорад, нанишинад».

Аммо намоз нахондани паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) пеш аз намози ид ва баъди он, ба он хотир буд, ки ӯ ҳар гоҳ биёяд, намозро оғоз мекард.

Аз ин рӯ, хондани таҳияи масҷид дар намозгоҳи ид собит мебошад, ҳамон гуна ки хондани таҳияи масҷид барои дигар масҷидҳо собит шудааст. Агар мо аз ҳадиси мазкур истинбот бикунем, ки масҷиди ид намози таҳияи масҷид надорад, мегӯем ки масҷиди ҷумъа низ таҳияи масҷид надорад, зеро расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ҳар гоҳ ба масҷиди ҷумъа ҳозир шавад, хутба мекард ва сипас ду ракъат намози ҷумъаро мехонд ва пас аз он мерафт ва ротиба (суннат)-и ҷумъаро дар хонаи худ мехонд. Аз ин рӯ, пеш аз ҷумъа ва баъди он ягон намозе намехонд.

Дидгоҳи саҳеҳтарин дар назди ман ин аст, ки дар масҷиди ид ду ракъат намози таҳияи масҷид хонда мешавад. Вале бо вуҷуди ин, дар ин масъала кори якдигарро инкор намекунем, зеро ин масъала масъалаи ихтилофӣ аст ва инкор намудан дар масъалаҳои ихтилофӣ шоиста нест, магар он ки дар он масъала далели комилан равшан вуҷуд дошта бошад. Бинобар ин, агар касе намоз бихонад, кори

ӯро инкор намекунем ва агар касе (намоз нахонаду) нишинад, кори ӯро ҳам инкор намекунем.

Ҳаштум: Яке аз аҳкоми дигари ид - иди Фитр - ин аст, ки адо намудани закоти Фитр дар он рӯз фарз аст. Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) дастур додааст, ки закоти Фитр пеш аз намози ид адо карда шавад. Адо намудани он як ё ду рӯз пеш аз он ҳам ҷоиз аст, далели он ҳадиси Ибни Умар (Аллоҳ аз он ду хушнуд бод) дар "Саҳиҳ"-и Бухорӣ мебошад, ки фармудааст: "Онҳо закоти Фитрро як ё ду рӯз пеш аз ид пардохт мекарданд". Агар онро пас аз намози ид адо намояд, ҳамчун садақаи Фитр қабул намешавад, зеро дар ҳадиси Ибни Аббос омадааст: "Касе онро пеш аз намоз адо намояд, пас он закоти қабулшуда мебошад. Касе онро баъди намоз адо кунад, садақае аз садақот мебошад". Бар инсон ҳаром аст, ки закоти Фитрро баъд аз намози ид адо намояд. Агар онро беузр ба таъхир бияндозад, закоти Фитраш қабул намешавад. Вале агар аз рӯи узре пеш аз намози ид адо карда натавонад, монанди касе ки дар сафар бошад ва чизе надошта бошад ва ё касеро барои қабули закоти Фитр пайдо накунад ва ё фикр кунад, ки хонаводааш аз номи ӯ закоти Фитрро пардохт мекунанд, аммо онҳо бошанд, фикр мекунанд, ки ӯ худ закоти Фитрро адо менамояд, ин гуна шахс ҳар гоҳ барояш муяссар шавад, закоти Фитрро адо менамояд, гарчанде ки пас аз намози ид ҳам бошад, ӯ гунаҳкор намешавад, чунки ӯ узр дорад.

Нӯҳум: Мардум якдигарро табрику таҳният мегӯянд, вале дар ин маврид аз ҷониби бисёре аз мардумон баъзе аз мамнӯъот рух медиҳад, тавре ки баъзе аз мардон ба хонаҳое мераванд ва бо заноне, ки ҳиҷоби дуруст надоранд ва маҳрамҳояшон вуҷуд надоранд, мусофаҳа (бо даст салом) мекунанд. Инҳо мункарҳое мебошанд, ки баъзе аз баъзе бадтаранд.

Баъзе аз мардумонро мушоҳида мекунем, ки аз касоне, ки аз мусофаҳаи занони номаҳрам худдорӣ менамоянд, нафрат мекунанд. Дар ҳоле ки онҳо золиманд, на он касе, ки аз мусофаҳаи зани номаҳрам худдорӣ кардааст. Ҳамин шахсон силаи раҳмро қатъ кардаанд, на он касе, ки аз мусофаҳаи номаҳрамон дурӣ варзидааст. Вале ӯ бояд ҳақиқатро ба чунин шахсон баён намояд ва онҳоро ба пурсидани саволҳои худ аз донишмандони мӯътамад роҳнамоӣ кунад ва ҳамчунин онҳоро бифаҳмонад, ки ба хотири пайравӣ аз одатҳои падарону падарбузургон ба дигарон ғазаб накунанд, зеро одатҳои падарон ҳалолро ҳаром ва ҳаромро ҳалол намекунад. Ва ба онҳо баён кунад, ки агар ин корро анҷом бидиҳанд, монанди касоне хоҳанд шуд, ки Аллоҳ сухани онҳоро ба мо нақл карда мефармояд:

وَكَذَلِكَ مَآ أَرْسَلْنَا مِن قَبْلِكَ فِى قَرْيَةٍ مِّن نَّذِيرٍ إِلاَّ قَالَ مُتْرَفُوهَآ إِنَّا وَجَدْنَآ ءَابَآءَنَا عَلَى أُمَّةٍ وَإِنَّا عَلَى ءَاثَـارِهِم مُّقْتَدُونَ . سورة زخرف: ٢٣

«Ва ҳамчунин пеш аз ту дар ҳеҷ (шаҳр ва) деҳае ҳушдордиҳандае нафиристодем, магар ин ки мутанаъимонаш (хушгузарон ва мағрурон аз сарвату қудрат) гуфтанд: "Мо падарону ниёгони худро бар чунин оине ёфтаем ва бегумон мо ба (аъмол ва) осори онҳо пайравӣ мекунем"». (Сураи Зухруф: 23).

Баъзе аз мардумон одат доранд, ки дар рӯзи ид ба қабристон меравнад ва аҳли қабристонро табрику таҳният мегӯянд, дар ҳоле ки аҳли қабристон ниёзе ба табрику таҳният надоранд, чун онҳо на рӯза гирифтаанд ва на шабзиндадорӣ кардаанд. Зиёрати қабристон махсуси рӯзи ид ва ё ҷумъа ва ё ягон рӯзи дигаре нест. Собит шудааст, ки паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) қабристонро дар шаб зиёрат намуд, чуноне ки дар ҳадиси Оиша дар "Саҳиҳ"-и Муслим ворид шудааст. Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: «Қабристонро зиёрат кунед, чунки охиратро ба шумо ёдрас мекунад».

Зиёрати қабристон ибодат аст. Ибодат машрӯъ намегардад, то он даме ки бо Шариат мувофиқ набошад. Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) рӯзи идро барои зиёрати қабристон ихтисос надодааст. Аз ин рӯ, набояд дар ин рӯз махсус ба зиёрати қабристон рафт.

Даҳум: Амал дигаре, ки дар рӯзи ид анҷом мегирад, ин аст ки мардон ҳамдигарро дар оғӯш мегиранд, ин амал ҳеҷ ишколе надорад.
Ёздаҳум: Барои касе, ки ба намози ид меравад, машрӯъ аст, ки ба расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) пайравӣ намуда, бо роҳе биравад ва бо роҳи дигаре баргардад. Ин суннат махсуси намози ид аст, ба намози ҷумъа ва дигар намозҳо дахл надорад.
"Маҷмӯъу фатово"-и Ибни Усаймин (16/216-223).
Сарчашма: Ислом Савол Ва Ҷавоб.

## Намози идайн чӣ савобе дорад?

Савол
Намози иди Фитр ва Азҳо (Қурбон) чӣ савобе дорад?
Матни ҷавоб
Ҳамду сано барои Аллоҳ.
Аллоҳ таъоло барои ҳар касе, ки ба Ӯ имон оварда ва амалҳои солеҳ анҷом додааст, савоби фаровонро дар дунёву охират ваъда додааст.
Аллоҳ таъоло фармудааст:
مَنْ عَمِلَ صَالِحاً مِنْ ذَكَرٍ أَوْ أُنثَى وَهُوَ مُؤْمِنٌ فَلَنُحْيِيَنَّهُ حَيَاةً طَيِّبَةً وَلَنَجْزِيَنَّهُمْ أَجْرَهُمْ بِأَحْسَنِ مَا كَانُوا يَعْمَلُونَ. النحل/97.
Ҳар кас аз мард ё зан, ки кори неке анҷом диҳад ва мӯъмин бошад, ҳатман, ӯро ба зиндагонии поку писандидае зинда медорем ва ба онон беҳтар аз он коре, ки мекарданд, подош медиҳем. (Сураи Наҳл: 97).
Инчунин расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ваъда додааст, ки ҳар кас ӯро фармонбардорӣ кунад, ба ҷаннат

дохил мешавад. Паёмбар (друду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: “Касе маро фармонбардорӣ кунад, ба ҷаннат ворид мешавад”. Ривояти Бухорӣ (7280).

Ин аҷру савоб ом аст, ҳамаи тоатҳоро дарбар мегирад.
Ҷуз ин ки баъзе тоатҳо вуҷуд доранд, ки Аллоҳ таъоло он тоатҳоро мавриди таваҷҷӯҳи бештар қарор дода ва барои он аҷри хоссеро зикр намудааст, ба монанди дучанд шудани ҳасанот ё кафораи гуноҳон ё наҷот ёфтан аз дӯзах ва монанди он.
Мо намедонем, ки дар фазилати намози ид аҷру савоби махсусе омада бошад. Балки он ба далелҳои омми собиқ ва ба дигар далелҳо ворид аст.
Намоз иди фитр ба умуми башорат ба растагории ояти зерин дохил аст, ки Аллоҳ таъоло фармудааст:

قَدْ أَفْلَحَ مَنْ تَزَكَّى ، وَذَكَرَ اسْمَ رَبِّهِ فَصَلَّى. الأعلى/14 – 15

Ҳароина растагор шуд, ҳар ки пок шуд. Ва номи Парвардигорашро ёд кунад ва намоз бигузорад. (Сураи Аъло: 14-15).

Шайх Абдурраҳмони Саъдӣ (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) гуфтааст:
Ҳароина растагор шуд, ҳар ки пок шуд. Яъне: Пирӯз шуд ва бурд кард он касе, ки нафси худро пок намуд ва онро аз ширку зулм ва ахлоқи бад тоза кард…
Аммо баъзе шахсон (ин оятро) чунин тафсир кардаанд:

تَزَكَّى

Яъне: "Закоти фитр дод".

وَذَكَرَ اسْمَ رَبِّهِ فَصَلَّى

Ва номи Парвардигорашро ёд кунад ва намоз бигузорад. Он намоз, намози ид аст.
Ҳарчанд ин чиз дар лафз ворид аст, аммо танҳо маънои он нест. Поёни сухан аз китоби "Тафсири Саъдӣ" (саҳ 921).

Намози иди Азҳо (Қурбон) дар яке аз рӯзҳои даҳаи Зулҳиҷҷа қарор дорад, ки он рӯзҳо, рӯзҳои бофазилат, балки беҳтарин рӯзҳои сол аст.
Аз Ибни Аббос ривоят аст, ки паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: "Ҳеҷ рӯзҳое нест, ки амали солеҳ дар он беҳтар аз ин рӯзҳо бошад. Гуфтанд: Ҳатто ҷиҳод? Фармуд: Ҳатто ҷиҳод, магар марде, ки хориҷ шавад ва ҷону моли худро ба хатар андозад ва ҳеҷ якеро пас наёварад". Ривояти Бухорӣ (969).

Аз Абдуллоҳ ибни Қурт аз паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ривоят аст, ки фармудааст: Бузургтарин рӯзҳо назди Аллоҳ таъоло рӯзи иди Қурбон, сипас рӯзи қар аст. Рӯзи қар рӯзи дуввум аст. Ривояти Абудовуд (1765). Албонӣ ин ҳадисро дар "Саҳиҳи сунани Абудовуд" (6/14) саҳеҳ донистааст. Аллоҳ донотар аст.

Сарчашма: Сомонаи Ислом Савол Ва Ҷавоб.

Одоби ид

Савол

Суннатҳову одобҳое, ки дар рӯзи ид иҷро карда мешаванд, кадомҳоянд?

Матни ҷавоб

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Аз ҷумлаи суннатҳое, ки мусулмон дар рӯзи ид анҷом медиҳад, инҳоянд:
1- Ғусл пеш аз хориҷ шудан ба намоз:
Дар китоби "Ал-Муваттаъ" ва дигар китобҳо ривояти саҳеҳе омадааст, ки Абдуллоҳ ибни Умар дар рӯзи иди Фитр пеш аз рафтан ба намозгоҳ ғусл мекард. Ал-Муваттаъ: 428.
Наваӣ (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) иттифоқи донишмандонро оиди мустаҳаб будани ғусл барои намози ид зикр кардааст.
Маъное, ки ба сабаби он ғусли ҷумъа ва дигар нишасту ҷамъомадҳои умумӣ мустаҳаб шудааст, дар ид низ вуҷуд дорад, балки шояд дар ид барҷастатар аст.

2- Хӯрдан пеш аз баромадан ба намози иди Фитр ва пас аз намози иди Азҳо:
Яке аз одобҳо ин аст, ки ба намози иди Фитр хориҷ нашавад, то он даме ки чанд дона хурмо нахӯрад. (Яъне пеш аз рафтан ба намози ид якчанд дона хурмо бихӯрад). Зеро Бухорӣ аз Анас ибни Молик ривоят кардааст, ки ӯ мегӯяд: «Расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) дар рӯзи иди Фитр то чанд адад хурмо нахӯрад, аз хона берун намешуд .. Адади он тоқ буд». Ривояти Бухорӣ: 953.
Хӯрдан пеш аз баромадан (ба намози иди Фитр) ба хотири муболиға дар манъ будани рӯза дар он рӯз ва инчунин ба хотири огоҳӣ ба хӯрдан дар он рӯз ва ба охир расидани рӯза мебошад.
Ибни Ҳаҷар (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) сабаби инро баён кардааст, ки он пешгирӣ аз сабабҳои рӯзаи зиёд ва шитобидан ба анҷом додани фармони Аллоҳ мебошад. Китоби "Фатҳу-л-борӣ" (2/446).
Касе хурмо наёбад, ҳар чизи дигареро ки хӯрданаш раво аст, тановул бикунад.
Аммо дар иди Азҳо мустаҳаб аст, ки нахӯрад, то он даме ки аз намози иди Азҳо барнагардад. (Яъне пеш аз намози иди Азҳо чизе намехӯрад). Сипас аз қурбонии худ мехӯрад, агар

қурбонӣ дошта бошад. Агар қурбонӣ надошта бошад, ҳеҷ боке надорад, ки пеш аз намоз чизе бихӯрад.

3- Такбир дар рӯзи ид:
Ин яке аз суннатҳои бузурги рӯзи ид мебошад, зеро Аллоҳ таъоло фармудааст:

وَلِتُكْمِلُوا الْعِدَّةَ وَلِتُكَبِّرُوا اللَّهَ عَلَىٰ مَا هَدَاكُمْ وَلَعَلَّكُمْ تَشْكُرُونَ البقرة / 185

«То шумораи (рӯзҳои Рамазон)-ро комил кунед ва Аллоҳро барои он ки шуморо ҳидоят кардааст, ба бузургӣ ёд кунед, бошад, ки шукргузорӣ кунед». (Сураи Бақара: 185).

Аз Валид ибни Муслим ривоят шудааст, ки гуфт: Аз Авзоӣ ва Молик ибни Анас оиди ошкоро гуфтани такбир дар идайн пурсидам. Дар ҷавоб гуфтанд: Бале, Абдуллоҳ ибни Умар онро дар рӯзи иди Фитр то омадани имом ошкоро мегуфт.
Аз Абуабдураҳмони Суламӣ ривояти саҳеҳе омадааст, ки мегӯяд: "Онон дар рӯзи иди Фитр бештар аз рӯзи иди Азҳо мехонданд". Вакеъ гуфтааст: Яъне такбирро. Ниг: Ирвоу-л-ғалил (3/122).

Доркутнӣ ва дигарон ривоят кардаанд, ки Ибни Умар дар рӯзи иди Фитру Азҳо ҳар гоҳ (аз хона) барояд, то ин ки ба намозгоҳ бирасад, дар гуфтани такбир кӯшиши зиёд мекард. Сипас то омадани имом такбир мегуфт.

Ибни Абушайба ба санади саҳеҳ аз Зуҳрӣ ривоят кардааст, ки ӯ мегӯяд: Мардум дар рӯзи ид ҳангоме ки аз хонаҳояшон мебаромаданд, то ин ки ба намозгоҳ бирасанд, такбир мегуфтанд ва инчунин то омадани имом такбир мегуфтанд. Ҳар гоҳ имом биёяд, хомӯш мешуданд ва ҳар гоҳ имом такбир гӯяд, такбир мегуфтанд. Ниг: Ирвоу-л-ғалил (2/121)
Такбир аз ҳангоми баромадан аз хона то расидан ба намозгоҳ ва то омадани имом, дар назди гузаштагон як чизи хеле машҳуду ошкор буд ва гурӯҳе аз муаллифон ба

монанди Ибни Абушайба, Абдураззоқ ва Фирёбӣ инро дар китоби "Аҳкому-л-идайн" аз гурӯҳе аз гузаштагон нақл кардаанд. Аз ҷумла Нофеъ ибни Ҷубайр такбир мегуфт ва аз такбир нагуфтани мардум тааҷҷуб карда, мегуфт: "Оё шумо такбир намегӯед?".

Ибни Шиҳоби Зуҳрӣ (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) мегӯяд: "Мардум аз ҳангоми аз хона баромадан то дохил шудани имом такбир мегуфтанд".
Вақти такбир дар иди Фитр аз шаби ид оғоз шуда, то дохил шудани имом ба намози ид идома меёбад.
Аммо дар иди Азҳо, такбир аз аввалин рӯзи Зулҳиҷҷа оғоз ёфта, то ғуруби офтоб, дар охирин рӯзи айёми ташриқ идома меёбад.
- Сифати такбир:
Дар "Мусаннаф"-и Ибни Абушайба бо санади саҳеҳ аз Ибни Масъуд (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) ривоят шудааст, ки ӯ дар айёми ташриқ такбир мегуфт:

اللهُ أَكْبَرُ ، اللهُ أَكْبَرُ لَا إِلَهَ إِلَّا اللهُ وَاللهُ أَكْبَرُ ، اللهُ أَكْبَرُ وَلِلهِ الْحَمْدُ

"Аллоҳу акбар, Аллоҳу акбар, ло илоҳа иллаллоҳ, валлоҳу акбар, Аллоҳу акбар ва лиллаҳи-л-ҳамд".
*(Аллоҳ бузургтар аст. Аллоҳ бузургтар аст. Ҳеҷ маъбуде бар ҳақ ҷуз Аллоҳ нест ва Аллоҳ бузургтар аст, Аллоҳ бузургтар аст ва ситоиш барои Аллоҳ аст).*

Ибни Абушайба ин ҳадисро бори дигар бо ҳамин санад ривоят кардааст, ки дар он такбир се маротиба гуфта шудааст.
Инчунин Ал-Маҳомилӣ бо санади саҳеҳ аз Ибни Масъуд ривоят кардааст:

اللهُ أَكْبَرُ كَبِيرًا ، اللهُ أَكْبَرُ كَبِيرًا ، اللهُ أَكْبَرُ وَأَجَلُّ ، اللهُ أَكْبَرُ وَلِلهِ الْحَمْدُ

"Аллоҳу акбару кабиран, Аллоҳу акбару кабиран, Аллоҳу акбару ва аҷаллу, Аллоҳу акбару ва лиллаҳи-л-ҳамд".

*(Аллоҳ бузургтар аст, чи бузургие. Аллоҳ бузургтар аст, чи бузургие. Аллоҳ бузургтару баландмартабатар аст. Аллоҳ бузургтар аст ва ситоиш барои Аллоҳ аст).*
Ниг: Ал-Ирво (3/126).

4- Табрику таҳният:
Яке аз одобҳои ид, табрику таҳнияти хубест, ки мардум байни якдигар мубодила мекунанд, бо кадом лафзе ки бошад, монанди ин ки ба якдигар мегӯянд: "Тақаббалаллоҳу минно ва минкум". *(Аллоҳ аз мову шумо қабул кунад).* Ё ин ки: "Ид муборак". Ва ё дигар ибораҳои табрикотие, ки гуфтанаш раво бошад.

Аз Ҷубайр ибни Нуфайр ривоят аст, ки мегӯяд: Саҳобагони паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) дар рӯзи ид ҳар гоҳ ба якдигар рӯ ба рӯ шаванд, мегуфтанд: "Туқуббила минно ва минкум". *(Аз мову шумо қабул карда шавад).* Ибни Ҳаҷар гуфтааст: Санади ин ҳадис ҳасан аст. "Фатҳу-л-борӣ" (2/446).
Табрику таҳният гуфтан дар назди саҳобагон як чизи машҳур буд. Донишмандон ба монанди Имом Аҳмад ва дигарон ба он рухсат додаанд. Далелҳое ворид шудаанд, ки бар машрӯъ будани табрику таҳният ба маросимҳо ва табрику таҳнияти саҳобагон ба ҳамдигар ҳангоми ҳосил шудани чизҳои хурсандиовар далолат мекунад, мисли ин ки ҳар гоҳ Аллоҳ таъоло тавбаи мардеро қабул кунад, ӯро ба он муносибат табрик менамуданд ва ба монанди он.
Бешубҳа, ин табрикот аз ҷумлаи ахлоқи некӯ ва нишонаҳои хуби мусулмонон дар ҷомеа мебошад.
Камтарин чизе, ки дар мавзӯи табрику таҳният гуфта мешавад, ин аст, ки касе шуморо ба ид табрик кунад, шумо низ ӯро ба ид табрик кунед ва агар дигарон хомӯш бошанд, шумо низ хомӯш бошед. Чуноне ки Имом Аҳмад (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) гуфтааст: Агар касе маро табрик кунад,

ман ба ӯ ҷавоб мегардонам, вагарна ман худам табрикро оғоз накунам.

5- Зебоӣ барои идайн:
Аз Абдуллоҳ ибни Умар (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) ривоят шудааст, ки мегӯяд: Умар ҷуббае (либоси болопӯши васеи дароз) аз истабрақ (навъе аз абрешим)-ро ки дар бозор фурӯхта мешуд, гирифт ва онро ба назди расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) оварда, гуфт: Эй расулуллоҳ! Инро бихар ва худро бо он дар рӯзи ид ва қабули намояндагон зебу зинат бидеҳ. Расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ба ӯ гуфт: «Ин либоси касе аст, ки дар охират ягон насибе надорад». Ривояти Бухорӣ (948).
Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) зебо шудан барои идро иқрор намуд, вале ӯ харидани он ҷуббаро инкор кард, зеро он аз абрешим буд.

Аз Ҷобир (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) ривоят аст, ки мегӯяд: Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ҷуббае дошт, ки онро дар идайн ва рӯзи ҷумъа мепӯшид. "Саҳиҳ"-и Ибни Хузайма (1765).

Байҳақӣ бо санади саҳеҳ ривоят кардааст, ки Ибни Умар зеботарин либосашро барои ид мепӯшид.
Аз ин рӯ, барои мард шоиста аст, ки барои рафтан ба намози ид беҳтарин либоси худро бипӯшад.
Аммо занон бошанд, ҳангоми рафтан ба намози ид, аз зинат дурӣ ҷӯянд, зеро онон аз зоҳир намудани зинатҳояшон ба мардони бегона манъ шудаанд. Инчунин барои зане, ки аз хона баромадан мехоҳад, ҳаром аст, ки хушбӯӣ истифода намояд, ё мардонро ба фитна гирифтор кунад, зеро ӯ танҳо ба хотири тоату ибодат берун баромадааст.

6- Ба намоз бо роҳе рафтан ва бо роҳи дигаре баргаштан.

Аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ (Аллоҳ аз он ду хушнуд бод) ривоят аст, ки мегӯяд: «Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ҳар гоҳ рӯзи ид фаро расад, ба намози ид бо роҳе мерафт ва бо роҳи дигаре бар мегашт». Ривояти Бухорӣ (986).

Гуфта шудааст, ки ҳикмат аз он ин аст, ки ҳар ду роҳ барои ӯ дар назди Аллоҳ, дар рӯзи қиёмат гувоҳӣ медиҳанд. Замин дар рӯзи қиёмат ҳар як амали неку баде, ки дар рӯи он анҷом шудааст, нақл мекунад.

Гуфта шудааст, ки он барои ошкор намудани шиорҳои Ислом дар ду роҳ аст.

Ва гуфта шудааст, ки он барои ошкор намудани шиорҳои Ислом дар ду роҳ аст.

Инчунин гуфта шудааст, ки он барои зоҳир намудани зикри Аллоҳ аст.

Ва инчунин гуфта шудааст, ки он ба хотири ба хашм овардани мувофиқону яҳудиён аст ва то ононро бо адади зиёди ҳамроҳони худ битарсонад.

Ва боз гуфта шудааст, ки ҳикмат аз он ин аст, ки (дар роҳи рафту омад) ҳоҷатҳои мардумро адо намояд, аз ҷумла посух ба соволҳо, таълим, иқтидо ва пайравӣ ё садақа ба мӯҳтоҷон ё зиёрати наздикон ва силаи раҳм.

Аллоҳ донотар аст. Сарчашма: Ислом Савол Ва Ҷавоб.

## Амалҳое, ки барои касе, ки ба намозгоҳи ид омадааст, машрӯъ аст

Савол

Ман мулоҳиза намудам, ки баъзе аз мардумон ҳангоме ки ба намози ид меоянд, ду ракъат намоз мехонанд. Баъзеи дигар ба гуфтани такбир (Аллоҳу акбар, Аллоҳу акбар, ло илоҳа иллаллоҳ, Аллоҳу акбар ва лиллаҳи-л-ҳамд) машғул мешаванд. Лутфан ҳукми шариатро оиди ин масоил баён кунед. Оё байни намозе, ки дар масҷид хонда мешавад ва намозе, ки дар намозгоҳ хонда мешавад, фарқе вуҷуд дорад?

Матни ҷавоб
Ҳамду сано барои Аллоҳ.
Барои касе, ки барои намози ид ё намози истисқо ба намозгоҳи ид биёяд, суннат аст, ки биншинад ва таҳияи масҷид нахонад, зеро то он ҷое ки медонем ин амал аз паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ва аз саҳобагон (Аллоҳ аз онон хушнуд бод) нақл нашудааст, магар дар ҳоле ки намоз дар масҷид бошад, ки дар ин ҳолат таҳияи масҷидро мехонад, бар асоси умуми сухани паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод), ки фармудааст: «Ҳар гоҳ касе аз шумо дохили масҷид гардад, то ду ракъат намоз нагузорад, нанишинад». Муттафақун алайҳ (ривояти Бухорӣ ва Муслим).

Барои касе, ки нишаста намози идро мунтазир аст, машрӯъ мебошад, ки бисёр таҳлил (Ло илоҳа иллаллоҳ) ва такбир (Аллоҳу акбар) бихонад, зеро ин шиори он рӯз аст ва ин дар масҷид ва дар беруни масҷид то ба охир расидани хутба барои ҳама суннат аст. Касе, ки ба тиловати Қуръон машғул шавад, ҳеҷ боке надорад. Аллоҳ соҳиби тавфиқ аст.
Сарчашма: Китоби "Маҷмӯу Фатово Ва Мақолотун Мутанаввиа"-И Шайх Абдулазиз Ибни Абдуллоҳ Ибни Боз (Раҳмати Аллоҳ Бар Ӯ Бод) (Ҷ/13. Саҳ/13).

## Дуо дар намози ид

Савол
Кадом дуо дар намози ид хонда мешавад?

Матни ҷавоб

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Мо ягон дуои махсусеро намедонем, ки дар намози ид ё рӯзи ид барои мусулмонон машрӯъ бошад. Вале такбир (Аллоҳу акбар), тасбеҳ (Субҳоналлоҳ), таҳлил (Ло илоҳа иллаллоҳ) ва таҳмид (Алҳамду лиллоҳ) гуфтан барои мусулмонон дар шаби идайн (иди Фитру Азҳо) ва субҳи рӯзи идайн то охири хутбаи иди Фитр ва то охири айёми ташриқ, рӯзи иди Азҳо машрӯъ аст, чуноне ки он дар даҳаи аввали моҳи Зулҳиҷҷа низ машрӯъ аст, зеро Аллоҳ таъоло оиди иди Фитр фармудааст:

وَلِتُكْمِلُوا الْعِدَّةَ وَلِتُكَبِّرُوا اللَّهَ عَلَىٰ مَا هَدَاكُمْ البقرة / 185

«То шумораи (рӯзҳои Рамазон)-ро комил кунед ва Аллоҳро барои он ки шуморо ҳидоят кардааст, ба бузургӣ ёд кунед». (Сураи Бақара: 185).

Ва инчунин ҳадисҳову асарҳое дар ин маврид ворид шудааст.

Тавфиқ аз ҷониби Аллоҳ аст.

Сарчашма: Аллаҷнату-Д-Доимату

Ли-Л-Буҳуси-Л-Илмийяти Ва-Л-Ифто (8/302).

## Баҷо овардани намози ид дар майдони варзишӣ

Савол

Мо донишҷӯёни донишгоҳ ҳастем ва барои баргузории намози идайн ва истисқо намозгоҳе надорем. Дар тӯли чаҳор сол, мо ин намозҳоро дар майдони варзишии факулта мехонем. Он кушода ва бар замини он нейлон фарш карда шудааст. Ҳукми ин намозҳо дар макони зикршуда чист?

Матни ҷавоб

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Намоз хондани шумо дар он макони мазкур ҳеҷ боке надорад. Чизҳое, ки дар он ҷо рух медиҳанд, чуноне ки зикр

кардед, монеи баргузор намудани намози иду истисқо нест, модоме ки пок бошад ва наҷосате дар он вуҷуд надошта бошад. Агар макони алоҳидаи аз ин беҳтареро пайдо кунед, беҳтару хубтар аст. Аллоҳ соҳиби тавфиқ аст.
Сарчашма: Китоби "Маҷмӯу Фатово Ва Мақолотун Мутанаввиа"-И Шайх Абдулазиз Ибни Абдуллоҳ Ибни Боз (Раҳмати Аллоҳ Бар Ӯ Бод) (Ҷ/13. Саҳ/10).

## Оё барои касе ки ба намози ид баромадааст, ҷоиз аст ки дар намозгоҳ ду ракъат намози таҳияи масҷид бихонад?

Савол

Аз расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) собит шудааст, ки ӯ барои намоз идайн ба намозгоҳ мебаромад ва инчунин мардону занон бо ҳамроҳии ӯ мебаромаданд. Баъд аз ӯ, саҳобагон (Аллоҳ аз онон хушнуд бод) ба намозгоҳ мебаромаданд. Оё барои касе ки ба намози ид баромадааст, ҷоиз аст ки дар намозгоҳ ду ракъат намози таҳияи масҷид бихонад, ё на?

Матни ҷавоб

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Касе, ки барои намози ид ба намозгоҳ дохил шавад, пеш аз нишастан, ду ракъат намози таҳияи масҷидро намехонад, зеро хондани намози таҳияи масҷид дар намозгоҳ мухолифи амали паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ва саҳобагон (Аллоҳ аз онон хушнуд бод) мебошад.

Тавфиқ аз ҷониби Аллоҳ аст ва дуруду паёми Аллоҳ бар паёмбарамон Муҳаммад ва олу асҳоби ӯ бод.

Сарчашма: Аллаҷнату-Д-Доимату
Ли-Л-Буҳуси-Л-Илмийяти Ва-Л-Ифто 7/274.

## **Оё бар ҳоҷӣ зарур аст, ки намози иди Азҳо (Қурбон)-ро бихонад?**

Савол

Оё бар ҳоҷӣ зарур аст, ки намози иди Азҳо (Қурбон)-ро бихонад?

Матни ҷавоб
Ҳамду сано барои Аллоҳ.
"Намози иди Азҳо (Қурбон) бар ҳоҷиён зарур нест, вале касе аз онҳо намози идро ҳамроҳи мардум бихонад, савоб мегирад.
Тавфиқ аз ҷониби Аллоҳ аст ва дуруду паёми Аллоҳ бар паёмбарамон Муҳаммад ва олу асҳоби ӯ бод". Поёни сухан.
Кумитаи доимӣ оид ба таҳқиқоти илмӣ ва фатводиҳӣ.
Шайх Абдулазиз ибни Абдуллоҳ ибни Боз ... Шайх Абдурраззоқ Афифӣ ... Шайх Абдуллоҳ ибни Қаъуд.
Фатово-л-лаҷнату-д-доимату ли-л-буҳуси-л-илмийяти ва-л-ифто (11/69-70).
Сарчашма: Ислом Савол Ва Ҷавоб.

## Ҳукми намози идайн

Савол
Намози идайн, Фитр ва Азҳо (Қурбон) воҷиб аст, ё суннат? Гуноҳи касе, ки онро тарк мекунад, чист?

Матни ҷавоб
Ҳамду сано барои Аллоҳ.
Намози идайн, Фитр ва Азҳо (Қурбон), ҳар яке аз он ду фарзи кифоя аст. Баъзе аз донишмандон гуфтаанд: Он ду ҳамчун намози ҷумъа фарзи айн мебошанд. Аз ин хотир тарк кардани он ду, барои мӯъмин раво нест.
Тавфиқ аз ҷониби Аллоҳ аст.
Сарчашма: Аллаҷнату-Д-Доима Ли-Л-Буҳуси-Л-Илмийяти Ва-Л-Ифто (10/412).

## Намози идайн барои мунфарид (танҳогузор) дар хона

Савол

**Оё ҷоиз аст, ки намози идро дар хона бихонам, зеро бо сабаби вазъи саломатиам ба масҷид рафта наметавонам?**

Матни ҷавоб
Ҳамду сано барои Аллоҳ.
Намози идайн бар асоси саҳеҳтарин гуфтаҳои донишмандон, бар ҳар як марди қодиру тавоно фарзи айн аст. Чуноне ки ин масъала дар ҷавоби саволи рақами (48983) баён карда шудааст.

Агар шумо бо сабаби вазъи саломатии худ ба онҷо рафта натавонед, ҳеҷ чизе бар шумо воҷиб нест. Оё ба шумо машрӯъ аст, ки онро дар хона анҷом бидиҳед? Дар ин масъала байни фақеҳон ихтилоф вуҷуд дорад, аксарияти донишмандон бар хилофи ҳанафиён бар инанд, ки ин чиз машрӯъ аст.
Музанӣ аз Шофеӣ (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) дар китоби "Мухтасару-л-умм" (8/125) нақл кардааст: "Мунфарид (танҳогузор), мусофир, ғулом ва зан намози идайнро дар хонаи худ мехонанд." Поёни сухан.

Ал-Хурашӣ (моликӣ) гуфтааст: "Намози ид бо имом аз касе фавт гардад, мустаҳаб аст, ки онро бихонад. Аммо бояд онро бо ҷамоат ё бо танҳоӣ анҷом дод? Дар ин масъала ду дидгоҳ вуҷуд дорад". Поёни сухан бо ихтисор аз китоби "Шарҳу-л-хурашӣ" (2/104).

Ал-Мардовӣ дар китоби “Ал-Инсоф” (ҳанбалӣ) гуфтааст: “Агар аз ӯ намоз (яъне намози ид) фавт гардад, барояш мустаҳаб аст, ки қазои онро бо ҳамон тарз анҷом бидиҳад (яъне ҳамон тавре, ки имом он намозро мехонад).” Поёни сухан.
Ибни Қудома дар китоби "Ал-Муғнӣ" (ҳанбалӣ) гуфтааст: "Ӯ ихтиёр дорад. Агар бихоҳад, онро бо танҳоӣ мехонад ва агар бихоҳад, онро бо ҷамоат мехонад". Поёни сухан.

Дар китоби "Ад-Дурру-л-мухтор маъа ҳошияти Ибни Обидин" (2/175) (ҳанафӣ) омадааст: "Агар намоз бо имом фавт гардад, ба танҳоӣ намоз намегузорад". Поёни сухан.
Шайхул ислом Ибни Таймия дидгоҳи ҳанафиёнро ихтиёр кардааст ва онро Шайх Ибни Усаймин (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) роҷеҳ донистааст, чуноне ки дар "Шарҳу-л-Мумтӣ" (5/156) зикр шудааст.

Дар фатвои кумитаи доимии фатво (8/306) омадааст: "Намози идайн фарзи кифоя аст. Агар гурӯҳе онро ба ҷой оваранд, гуноҳ аз бақия соқит мегардад.
Агар он (намози идайн) аз касе фавт гардад ва дӯст дорад, ки қазои онро анҷом бидиҳад, иҷрои он барои ӯ мустаҳаб аст ва онро ба ҳамон тарз, вале бидуни хутба анҷом медиҳад. Ин дидгоҳи Имом Молик, Шофеӣ, Аҳмад, Нахаӣ ва дигар донишмандон мебошад. Асос дар ин маврид, сухани паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) аст, ки фармудааст: "Ҳаргоҳ ба намоз омадед, бо оромишу виқор ба намоз биравед, шитоб накунед, ҳар миқдоре ки ба имом расидед, он миқдорро бо ӯ бихонед ва баъд аз саломи имом, боқимондаи намозатонро қазо кунед".

Аз Анас (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) ривоят шудааст, ки агар намози ид бо имом аз ӯ фавт гардад, хонавода ва маволи (ғуломони озод карда шуда)-и худро ҷамъ менамуд, сипас Абдуллоҳ ибни Абуутба мавло (ғуломи озод карда шуда)-и ӯ аз ҷои худ бархоста, ба онҳо ду ракъат намоз мехонд ва дар он ду ракъат такбир мегуфт.
Касе, ки дар рӯзи ид (ба намози ид) ҳозир шавад, дар ҳоле ки имом хутба карда истода бошад, пас бояд ба хутба гӯш андозад ва баъд аз он, қазои намозро бихонад, то он ду манфиатро ба даст оварад.
Тавфиқ аз ҷониби Аллоҳ аст ва дуруду паёми Аллоҳ бар паёмбарамон Муҳаммад ва олу асҳоби ӯ бод". Поёни сухан.

Кумитаи доимӣ оид ба таҳқиқоти илмӣ ва фатводиҳӣ
Шайх Абдулазиз ибни Абдуллоҳ ибни Боз, Шайх Абдурраззоқ Афифӣ, Шайх Абдуллоҳ ибни Ғадаён.

Аллоҳ донотар аст. Сарчашма: Ислом Савол Ва Ҷавоб.

## Кай дуои намози истихора хонда мешавад?

Савол
Ҳар гоҳ мусулмон намози истихора бихонад, оё дуои истихораро пас аз ташаҳҳуд ва пеш аз хориҷ шудан аз намоз мехонад ва ё пас аз саломи намоз?

Матни ҷавоб
Ҳамду сано барои Аллоҳ.
Дар мавриди дуои истихора машрӯъ ин аст, ки он бояд пас аз тамом шудани намоз хонда шавад. Ин дидгоҳи ҷумҳури донишмандон аст.
Дар "Ал-Мавсуъату-л-фиқҳия" (3/245) омадааст: Ҳанафиён, моликиён, шофеиён ва ҳанбалиён гуфтаанд: Дуо пас аз намоз хонда мешавад ва ин мувофиқи матни ҳадиси шарифест, ки аз расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ворид шудааст. Поёни сухан.

Шайх Ибни Боз (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) гуфтааст: "Барои мусулмон машрӯъ аст, ки ҳар гоҳ намози истихора бихонад, баъд аз саломи намоз дуо бихонад, зеро паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: «Ҳар гоҳ яке аз шумо ба анҷом додани коре тасмим бигирад, ду ракаъат намозе ғайри фариза бихонад ва сипас бигӯяд: Аллоҳумма иннӣ астахирука биилмика... ». Ҳадис.
Ин далолат мекунад, ки дуои истихора пас аз саломи намоз хонда мешавад".

Поёни сухан аз "Маҷмуъу-л-фатово" (11/389).

Аз донишмандони "Кумитаи доимӣ" (8/162) пурсиданд: Оё дуои истихора пеш аз салом ва ё баъд аз салом, пас аз хориҷ шудан аз намоз хонда мешавад?
Дар ҷавоб гуфтанд: "Дуои истихора баъд аз саломи намози истихора хонда мешавад". Поёни сухан.

Шайх Ибни Усаймин (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) гуфтааст: "Дуои истихора баъд аз салом хонда мешавад, зеро паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: «Пас ду ракъат намоз бихонад ва сипас бигӯяд». Ва (баъди намоз) дуоро зикр намуд". Поёни сухан аз "Лиқоу-л-боби-л-мафтуҳ" (Рақами: 20). Аллоҳ донотар аст.

Сарчашма: Ислом Савол Ва Ҷавоб.

## Намози таровеҳ дар хона ва крем молидан ба бадан дар ҳангоми рӯза

Савол
Оё барои мусулмон ҷоиз аст, ки намози таровеҳро дар хона бихонад? Агар ҷоиз бошад, пас он чанд ракъат мебошад? Оё дуоҳои махсусе дорад?
Оё крем молидан ба рӯй ва ба дигар узвҳои бадан дар ҳоли рӯза ҷоиз аст?

Матни ҷавоб
Ҳамду сано барои Аллоҳ.
Намози таровеҳ бо ҷамоат дар масҷид барои мардон дар шабҳои Рамазон машрӯъ аст, зеро паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: «Касе, ки ҳамроҳи имом намозро бихонад, то ин ки имом аз намоз фориғ шавад, барояш савоби қиёми як шаб навишта мешавад». Тирмизӣ (806) ин ҳадисро ривоят кардааст. Албонӣ ин ҳадисро дар китоби "Саҳиҳу-т-тирмизӣ" саҳеҳ донистааст.

Бо вуҷуди ин, агар мард онро дар хонааш бихонад, гунаҳкор намешавад ва намозаш дуруст мебошад. Аммо дар ғайри

Рамазон машрӯъ аст, ки мард намози шабро дар хонааш бихонад.
Аммо барои зан беҳтар аст, ки дар хонааш намоз бихонад. Агар бихоҳад, ки дар масҷид намоз бихонад, манъ карда намешавад, зеро паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: «Занонатонро аз рафтан ба масҷидҳо манъ накунед ва хонаҳояшон барояшон беҳтар аст». Абудовуд (567) ин ҳадисро ривоят кардааст. Албонӣ ин ҳадисро сеҳеҳ донистааст.
Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: «Канизони Аллоҳро аз рафтан ба масҷидҳои Аллоҳ манъ накунед». Муттафақун алайҳ: Бухорӣ (900) ва Муслим (442).
Аммо крем молидан ба рӯю бадан ҳеҷ боке надорад. Ба саволи рақами (2299) руҷӯъ карда шавад.
Аллоҳ донотар аст. Сарчашма: Шайх Муҳаммад Солеҳ Ал-Мунаҷҷид.

## Ворид шудани занон ба масҷидҳо бо ҳамроҳии кӯдаконашон дар намози таровеҳ

Савол
Ҳукми ворид шудани занон бо ҳамроҳии кӯдакон ба масҷидҳо дар намози таровеҳ чист?

Матни ҷавоб
Ҳамду сано барои Аллоҳ.
"Занон аз ворид шудан ба масҷидҳо бо ҳамроҳии кӯдаконашон дар моҳи Рамазон манъ карда намешаванд. Суннат далолат мекунад, ки дар замони паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) занон бо ҳамроҳии кӯдаконашон ба масҷид меомаданд, зеро дар ҳадисе омадааст: «Ман ба намоз дохил мешавам ва мехоҳам, ки намозро дароз намоям, аммо гиряи кӯдакро мешунаваму, намозамро кӯтоҳ

мекунам, зеро медонам, ки модар аз гиряи кӯдак нороҳат мешавад».
Дар ҳадиси дигаре омадааст: «Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) Умомаро дар намози фарз дар ҳоле ки дар масҷид ба мардум имоматӣ мекард, бардошт».
Вале занон бояд ба ҳифз намудани масҷид аз ҳар гуна наҷосат кӯшиш кунанд ва ҳангоми хоб ва бедории кӯдакон аз наҷосати онҳо парҳез кунанд". Поёни сухан.
"Фатово"-и Шайх Муҳаммад ибни Иброҳим (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) (4/214, 215).
Сарчашма: Ислом Савол Ва Ҷавоб.

## Оё байни намози таровеҳ ва намози шаб (қиём) фарқе вуҷуд дорад?

Савол
Ман мехостам фарқи намози шаб (қиём) ва намози таровеҳро бидонам.

Матни ҷавоб
Ҳамду сано барои Аллоҳ.
Намози таровеҳ аз ҷумлаи намози шаб (қиёму-л-лайл) ба ҳисоб меравад. Ҳамонтавре ки бисёре аз мардум фикр мекунанд, намози таровеҳ ва намози шаб (қиёму-л-лайл) ду намози гуногун нестанд. Намози шаб (қиёму-л-лайл) дар моҳи Рамазон таровеҳ номида мешавад, чунки гузаштагон (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) ҳар гоҳ ин намозро мехонданд, пас аз ҳар ду ракъат ё чаҳор ракъат истироҳат мекарданд, чунки барои дароз намудани намози шаб (қиёму-л-лайл) саъю кӯшиш мекарданд, то мавсими аҷри бузургро ғанимат бигиранд ва подошеро, ки дар ҳадиси зерин омадааст, ба даст оваранд: «Касе, ки Рамазонро аз рӯи имон ва талаби савоб шабзиндадорӣ кунад, гуноҳони пешинаи ӯ бахшида мешавад». Ривояти Бухорӣ (рақами ҳадис: 36).
Аллоҳ таъоло донотар аст. Сарчашма: Шайх Муҳаммад Солеҳ Ал-Мунаҷҷид.

## Ҳукми паст ё хомӯш кардани чароғҳо ҳангоми намози шаб?

Савол
Баъзе масҷидҳо ҳангоми намози шаб чароғҳоро паст ё хомӯш мекунанд, оё ин бидъат ҳисобида мешавад?

Матни ҷавоб
Ҳамду сано барои Аллоҳ.
Ин саволро ба шайхамон Абдураҳмон Ал-Баррок (Аллоҳ таъоло ӯро ҳифз кунад) пешниҳод кардам, дар ҷавоб гуфт:
"Паст ё хомӯш кардани чароғҳо дар ҳангоми намози шаб, кори хуб аст ва дар он ҳеҷ ишколе нест ва он аз ҷумлаи ғулувву зиёдравӣ ва такаллуф ҳисобида намешавад, зеро чароғҳою равшаниҳои хеле баланд инсонро машғул месозанд ва чашмони ӯро парешон мекунанд. Торикӣ ва равшании ором барои қалбу чашм беҳтару хубтар мебошанд". Поёни сухан.
Халлол дар китоби "Ал-Амру би-л-маъруфи ва-н-наҳю ани-л-мункар" (саҳ: 81) аз Абуумайя Муҳаммад ибни Иброҳим ривоят кардааст, ки ӯ гуфтааст: Ман аз Абуабдуллоҳ (Имом Аҳмад) оиди қавме, ки ҷамъ мешаванд ва қорӣ барояшон бо садои ғамангез тиловат мекунад ва шояд чароғҳоро хомӯш мекунанд.
Аҳмад ба ман гуфт: "Агар ӯ бо қироати Абумӯсо тиловат намояд, ҳеҷ боке надорад". Поёни сухан.

Аллоҳ донотар аст.

Сарчашма: Шайх Муҳаммад Солеҳ Ал-Мунаҷҷид.

## Оё барои имом тафсир намудани оятҳое, ки дар намози таровеҳ мехонад, машрӯъ аст?

Савол

Яке аз ҷамоатҳои мо намози таровеҳро анҷом медиҳанд. Пас аз адои намози хуфтан, онҳоояҳоеро, ки дар чаҳор ракъати аввал хонда мешавад, ба таври мухтасар тафсир мекунанд. Сипас чаҳор ракъат намоз мехонанд. Сипас баъд аз он, ояҳоеро, ки дар чаҳор ракъати дуввум хонда мешавад, тафсир мекунанд. Ба ҳамин тартиб (намози таровеҳро ба охир мерасонанд). Ин амал ба хотири фаҳмонидани Қуръон барои шунавандагон ва наздик кардани маънои он ба онҳо мебошад. Шумо оиди ин амалашон, чӣ фикр доред? Оё ин амалашон хуб аст, ё бидъат (ва нав пайдошуда) дар шариати мо аст?

Матни ҷавоб

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Ин саволро ба шайхамон Абдураҳмон Ал-Баррок (Аллоҳ таъоло ӯро ҳифз кунад) пешниҳод кардам, дар ҷавоб гуфт: "Агар бо ризояти муқтадиёну намозгузорон бошад, ҳеҷ боке надорад, то ин ки бар онҳо вазнинӣ накунад".

Поёни сухан. Ба ҷавоби саволи рақами (38025) руҷӯъ карда шавад.

Аллоҳ донотар аст.

Сарчашма: Сомонаи Ислом Савол Ва Ҷавоб.

## Ҳукми намози таровеҳ барои занон

Савол

Оё намози таровеҳ барои занон низ машрӯъ аст? Оё барои онҳо адо намудани намози таровеҳ дар манзил хуб аст ва ё ин ки барои ин намоз ба масҷид рафтан хуб аст?

Матни ҷавоб

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Намози таровеҳ суннати муаккада аст. Қиёму-л-лайл (намози шаб) барои занон дар хонаҳояшон афзал аст, зеро паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст:

«Занонатонро аз рафтан ба масҷидҳо манъ накунед ва хонаҳояшон барояшон беҳтар аст». Абудовуд ин ҳадисро дар "Сунан"-и худ дар боби "Баромадани занон ба масҷид" ва боби "Ташдид дар ин бора" ривоят кардааст. Ин ҳадис дар “Саҳиҳу-л-ҷомиъ” (7458) низ зикр шудааст.

Балки чи қадаре, ки намози зан дар макони махфитар ва хостаре адо гардад, беҳтар аст. Чуноне ки паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: «Намози зан дар ҳуҷрааш нисбат аз намози ӯ дар утоқи даромадгоҳ беҳтар аст ва намози ӯ дар ҳуҷраи хурди махсус, ки дар дохили ҳуҷра қарор дорад, нисбат аз намози ӯ дар ҳуҷра беҳтар аст». Абудовуд ин ҳадисро дар “Сунан”-и худ, дар китоби “Намоз”, боби “Баромадани занон ба масҷид” ривоят кардааст. Ин ҳадис дар “Саҳиҳу-л-ҷомиъ” (3833) низ зикр шудааст.

Аз Умми Ҳумайд зани Абуҳумайди Соидӣ ривоят аст, ки ӯ ба назди паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) омада гуфтааст: Эй расулуллоҳ! Ман дӯст медорам, ки намозро бо ҳамроҳи шумо бихонам. Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармуд: «Ман донистаам, ки ту намозхониро бо ҳамроҳи ман дӯст медорӣ. Аммо намози ту дар ҳуҷраат нисбат аз намози ту дар утоқи даромадгоҳ беҳтар аст ва намози ту дар утоқи даромадгоҳ нисбат аз намоз дар ҳавлият беҳтар аст ва намози ту дар ҳавлият нисбат аз намози ту дар масҷиди қавмат беҳтар аст ва намози ту дар масҷиди қавмат нисбат аз намози ту дар масҷиди ман беҳтар аст». Пас ин зан амр намуд ва барояш дар ториктарин ва дуртарин гӯшаи хонааш масҷиде (намозгоҳе) бино карда шуд. Ва дар он ҷо то реҳлат аз дунё ва пайвастан ба Аллоҳ таъоло намоз мехонд. Ривояти Имом Аҳмад. Ровиёни санади ин ҳадис мӯътамад мебошанд.

Аммо ин афзалият монеи рухсати рафтани занон ба масҷидҳо намебошад. Чуноне ки дар ҳадиси Абдуллоҳ ибни Умар омадааст, ки мегӯяд: Аз расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) шунидаам, ки мегуфт: «Занонатонро аз

рафтан ба масҷидҳо, ҳар гоҳ иҷозат биталабанд, манъ накунед». Дар ин ҳангом Билол ибни Абдуллоҳ гуфт: Қасам ба Аллоҳ, ки занонро аз рафтан ба масҷидҳо манъ мекунем. Абдуллоҳ ба ӯ рӯй оварда, ӯро чунон сахт дашном дод, ки ҳеҷ гоҳ чунин дашномро аз ӯ нашунида будам ва гуфт: Ман аз расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) сухан мегӯям ва ту мегӯӣ, ки қасам ба Аллоҳ, занонро аз рафтан ба масҷидҳо манъ мекунем. Ривояти Муслим (667).

Вале барои рафтани зан ба масҷид шартҳои зерин зарур аст:

Бо ҳиҷоби комил бошад.

Худро хушбӯй карда набарояд.

Бо иҷозати шавҳар барояд.

Инчунин ҳангоми рафтан ба масҷид ягон амали ҳароме, ба монанди хилвату танҳоӣ бо ронандаи номаҳраме дар дохили худрав (мошин) ё амсоли он рух надиҳад.

Агар зан яке аз шартҳои мазкурро хилоф кунад, шавҳар ё валии зан метавонад ӯро аз рафтан ба масҷид манъ кунанд, балки манъ кардан дар ин ҳолат бар ӯ воҷиб аст.

Аз шайхамон Шайх Абдулазиз оиди намози таровеҳ пурсидам, ки оё барои зан хондани намози таровеҳ дар масҷид фазилати хоссе дорад? Шайх посухи манфӣ дода, гуфт, ки ҳадисҳо дар афзалияти намози зан дар хона ом аст, ҳам намози таровеҳ ва ҳам дигар намозҳоро дарбар мегирад. Аллоҳ таъоло донотар аст.

Аз Аллоҳ таъоло бароямон ва барои дигар бародарони мусулмонамон ихлосу пазиришро пурсонем ва аз Ӯ хоҳонем, ки амаламонро чунон гардонад, ки дар он муҳаббату розигии Ӯ бошад. Дуруду паёми Аллоҳ ба паёмбарамон Муҳаммад бод.

Сарчашма: Шайх Муҳаммад Солеҳ Ал-Мунаҷҷид

## Ҳукми намози таровеҳ барои мусофир

Савол

Рамазон моҳест, ки дар он ҳар як мусулмон барои ибодат кардан ғайрати бештар пайдо мекунад, ки ин ҳолат ба ҳар бинанда ба таври возеҳ аён аст. Мехоҳам, ки доир ба ҳукми намози таровеҳ барои шахсе, ки дар сафар аст, бипурсам?

Матни ҷавоб
Ҳамду сано барои Аллоҳ.
Намози таровеҳ дар моҳи Рамазон шабзиндадорӣ ба шумор меравад, ки Аллоҳ таъоло аҳли онро ситоиш намуда, чунин фармудааст:

كَانُوا قَلِيلًا مِّنَ اللَّيْلِ مَا يَهْجَعُونَ . الذاريات/17

"Онҳо каме аз шабро мехобиданд (ва бақияи шабро бо намоз мегузарониданд)". (Сураи Зориёт: 17).
Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) дар Рамазон ва ғайри он шабзиндадорӣ мекард ва намози шабро чӣ дар хона бошад ва чӣ дар сафар тарк намекард.

Ибни Қайим (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) дар ин хусус чунин мегӯяд: "Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) чӣ дар хона ва чӣ дар сафар намози шабро тарк намекард. Ҳар гоҳ аз сабаби хастагӣ ва ё беморӣ онро хонда натавонад, рӯзона дувоздаҳ ракъат намоз мехонд". "Зоду-л-маъод" (1/311).
Бухорӣ (945) аз Ибни Умар (Аллоҳ аз он ду хушнуд бод) ривоят кардааст, ки гуфт: "Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) намози шабро ба истиснои намозҳои фариза дар сафар бар пушти маркаб ва ба ҳар тарафе, ки он мерафт, ишора намуда мехонд. Намози витрро низ бар пушти маркаб мехонд".

Бухорӣ (1034) аз Солим ибни Абдуллоҳ ибни Умар (Аллоҳ аз он ду хушнуд бод) ривоят кардааст, ки гуфт: Абдуллоҳ ибни Умар (Аллоҳ аз он ду хушнуд бод) намози шабро дар сафар бар болои маркабаш мехонд ва ба самти қибла эътибор намедод. Ибни Умар гуфт: "Расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) бар пушти маркаб ва ба ҳар тарафе,

ки он мерафт, намози нафл мехонд. Намози витрро низ бар пушти маркаб мехонд. Вале намози фарзро бар пушти маркаб намехонд".

Шахси мусофир дар сафар аз ҷумлаи намозҳои нафл танҳо суннатҳои қаблӣ ва баъдии пешин ва суннати шом ва суннати хуфтанро тарк мекунад. Аммо ғайри он, дигар суннатҳову нофилаҳо барои мусофиру муқим машрӯъ аст.

Муслим дар китоби "Саҳиҳ"-и худ (1112) аз Ҳафс ибни Осим ибни Умар ибни Хаттоб ривоят кардааст, ки ӯ гуфтааст: Дар роҳи Макка ҳамроҳ бо Ибни Умар будам. Намози пешинро бар мо ду ракъат хонд. Баъд ба роҳ баромад ва мо низ ҳамроҳаш ба роҳ шудем. Вақте назди маркабаш омад, бар он нишаст ва мо низ чунин кардем. Сипас, ба он ҷойе, ки намоз хонда буд, нигоҳ карда, чашмаш ба гурӯҳе афтид, ки намоз мехонданд. Баъд гуфт: Онҳо чӣ мекунанд? Гуфтам: Онҳо намози суннат мехонанд. Гуфт: Агар ман суннат хонданӣ бошам, намози фарзамро пурра мехондам. Эй бародарзода, ман дар сафар ҳамроҳи расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) будам. Ӯ то дами марг (дар сафар) аз ду ракъат зиёд намехонд. Баъд ҳамроҳи Абубакр будам. Ӯ низ то дами марг дар сафар аз ду ракъат зиёд намехонд. Баъд ҳамроҳи Умар будам. Ӯ ҳам то дами вафот дар сафар аз ду ракъат зиёд намехонд. Баъд ҳамроҳи Усмон будам. Ӯ низ то дами вафот дар сафар аз ду ракъат зиёд намехонд. Аллоҳ таъоло фармудааст:

لَقَدْ كَانَ لَكُمْ فِي رَسُولِ اللَّهِ أُسْوَةٌ حَسَنَةٌ

"Дар ҳақиқат барои шумо дар (гуфтору кирдор ва рафтори) расулуллоҳ, намунаи накӯе аст". (Сураи Аҳзоб: 21).

Сухани Ибни Умар (Аллоҳ аз он ду хушнуд бод): "Агар ман суннат хонданӣ бошам, намози фарзамро пурра мехондам" маънои онро дорад, ки агар ман дар сафар намози нафлро интихоб намоям, бароям беҳтар он буд, ки фарзро чаҳор ракъат пурра хонам. Вале ман ин дуро раво

намедонам, зеро қаср (кӯтоҳ кардани фарзҳои чор ракъата) ва тарк кардани суннатҳои ротиба (суннатҳои қаблӣ ва баъдии намозҳои фариза) суннат мебошад.

Аз донишмандони кумитаи доимии фатво пурсиданд:
Шумо оиди мусофирон чӣ мегӯед, оё барояшон беҳтар аст, ки намози таровеҳро дар Рамазон бихонанд ё не? (Дар ҳоле ки онҳо намозро қаср мехонанд).
Дар ҷавоб гуфтанд:
"Намози шабҳои Рамазон (таровеҳ) аз тарафи расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) суннат гардонида шудааст. Аз ин хотир саҳобагон (Аллоҳ аз онҳо хушнуд бод) ин суннатро аз паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) омӯхта, ба он амал карданд ва (ин суннат) то имрӯз идома ёфтааст. Дар "Саҳиҳ"-и Бухорӣ ва "Саҳиҳ"-и Муслим аз Оиша (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) ҳадисе собит шудааст, ки расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) чанд шабе (дар моҳи Рамазон) намоз хонд ва саҳобагон низ бо ҳамроҳи ӯ намоз хонданд. Баъд аз он дигар ба намози шаб набаромад ва дар боқимондаи моҳ дар хонаи худ намози шаб хонд. Сипас фармуд: "Тарсидам, ки бар шумо фарз гардаду шумо онро адо карда натавонед".

Дар ривояти Бухорӣ омадааст, ки Умар (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) мардумро ҷамъ намуда, Убай ибни Каъбро имом таин намуд ва ӯ ба онҳо намози таровеҳ хонд.
Дар "Саҳиҳ"-и Бухорӣ ва "Саҳиҳ"-и Муслим аз Абусалама ибни Абдураҳмон собит шудааст, ки ӯ ба Оиша (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) чунин савол дод: Намози шаби расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) чӣ гуна буд? Оиша (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) дар ҷавоб гуфт: "Дар моҳи Рамазон ва ғайри он аз ёздаҳ ракъат зиёд намехонд".
Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) дар моҳи Рамазон сафар мекард, аз ҷумлаи сафарҳое, ки паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) дар ҳамин моҳ анҷом дода буд,

сафар ба фатҳи Макка мебошад. Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) рӯзи даҳуми моҳи Рамазони соли ҳаштуми ҳиҷрӣ ба сафар баромад.
Ибни Қаййим фармудааст: "Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) чӣ дар хона ва чӣ дар сафар намози шабро тарк намекард. Ҳар гоҳ аз сабаби хастагӣ ва ё беморӣ онро хонда натавонад, рӯзона дувоздаҳ ракъат мехонд".
Аз ин маълум мешавад, ки агар онон намози таровеҳро дар сафар бихонанд, ба таҳқиқ суннатро ба ҷой овардаанд. Поёни сухан.
"Фатово-л-лаҷнату-д-доима" (7/206).

Хулоса, намози таровеҳ барои мусофир мисли шахси муқим суннат аст, зеро паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) намози шабро дар хона ва ҳам дар сафар бардавом мехонд.
Аз Аллоҳ таъоло мепурсем, ки мову шуморо ба тоат ва ризои худ муваффақ гардонад.
Аллоҳ донотар аст. Сарчашма: Ислом Савол Ва Ҷавоб.

## Чигуна намози шаб бихонам, ки Аллоҳ аз ман розӣ гардад?

### Савол

Ман дар диндориам бисёр сустӣ мекунам. Дар шаб нишаста Қуръон мехонам ва ду ракъат намоз хонда, истиғфор мекунам, ба паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) салавот мефиристам. Вале ман доимо эҳсос дорам, ки ба худам зулм мекунам ва кӯтоҳӣ ва сустӣ менамоям. Мехоҳам дар назди Аллоҳ мартабаи баланд дошта бошам. Аз ин рӯ, барои ноил шудан ба ҳадаф кӯшиш мекунам. Саволам чунин аст: Чи гуна намози шаб бихонам, ки Аллоҳро розӣ гардонад ва маро ба Ӯ наздик намояд ва Ӯ аз ман розӣ гардад? Зеро ризои Аллоҳ барои ман ғояи олитарин буда, чизи дигаре намехоҳам. Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) шабона чӣ мекард, чи гуна намози шаб мегузорид,

чиҳо мегуфт, то ки ман низ ба изни Аллоҳ ҳамон тавр амал кунам?

Матни ҷавоб
Ҳамду сано барои Аллоҳ.
Аввал:
Яке аз тавфиқҳое, ки Аллоҳ таъоло ба бандааш медиҳад, ин аст, ки айбашро ба худаш нишон медиҳад, то кӯтоҳӣ ва бепарвоии худ нисбат ба Парвардигорашро дарк намояд. Муҳимтар он аст, ки ин ҳолат ба шахс имкон медиҳад, ки боре тавaққуф намояд ва он чиро, ки аз даст додааст, фаҳмида, камбудиҳои динии худро бартараф созад.
Аллоҳ таъоло фармудааст:
وَأَقِمِ الصَّلَاةَ طَرَفَيِ النَّهَارِ وَزُلَفًا مِنَ اللَّيْلِ إِنَّ الْحَسَنَاتِ يُذْهِبْنَ السَّيِّئَاتِ ذَٰلِكَ ذِكْرَىٰ لِلذَّاكِرِينَ * وَاصْبِرْ فَإِنَّ اللَّهَ لَا يُضِيعُ أَجْرَ الْمُحْسِنِينَ هود/114-115
"Ва дар ду тарафи рӯз (оғозу поёни рӯз) ва соате аз шаб намоз бигзор. Ҳамоно, некиҳо бадиҳоро аз байн мебаранд. Ин пандест барои пандпазирон. Ва сабр бикун, ҳамоно Аллоҳ музди некӯкоронро зоеъ намекунад". (Сураи Ҳуд: 114-115).
Бар ту лозим аст, ки пеш аз донистани чигунагии намози шаб, бояд аз ду чиз огоҳ шавӣ:
Аввал, ин ки намози шаб амали нафл буда, бояд банда онро барои Аллоҳ бардавом иҷро кунад. Баъд аз он ки ба иҷрои он шурӯъ намуда, аз он насибае гирифт, онро тарк насозад.
Оиша (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) гуфтааст: Аз паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) пурсиданд: Беҳтарин амал назди Аллоҳ кадом аст? Дар ҷавоб гуфт: "Амале, ки аз ҳама беш давом кунад, агарчӣ андак бошад". Боз фармуд: "Он амалҳоеро ба дӯши худ бигиред, ки бар он тоқат карда тавонед". Ривояти Бухорӣ (6465).
Аз Алқама ривоят аст, ки гуфт: Аз модари мӯъминон Оиша пурсидам: Эй модари мӯъминон, амали паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) чи гуна буд? Оё баъзе рӯзҳоро барои худ хос мекард?

Оиша (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) фармуд: Не. Амали паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) бардавом буд. Кадоми шумо он чизе, ки паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) метавонист, метавонад?    Ривояти Бухорӣ (1987) ва Муслим (783).

Пас маълум шуд, ки мувофиқи шариъат банда бояд ба он ибодате, ки шурӯъ кард, идома диҳад ва ба худ раҳм кунад. Барои худ танҳо ибодатеро лозим гирад ва мақсади худ қарор диҳад, ки ба гумони беш ба он вафо карда битавонад. Ин маънои онро надорад, ки масалан, агар ӯ дар шаб ду ракъат намоз гузорад, бояд аз он зиёд накунад, балки мақсад ин аст, ки ӯ бояд нафси худро ба қадре вазифадор созад ва ё лозим гирад, ки бо гумони зиёд бар он вафо карда битавонад. Сипас агар ягон вақт кӯшишнок шуда, сабукиеро ҳис кунад, бо изни Аллоҳ онро зиёдтар анҷом диҳад.

Лутфан барои донистани савоби намози шаб, ба ҷавоби саволи рақами (50070) ва барои донистани сабабҳои кӯмаккунанда ба шабзиндадорӣ ва намози шаб, ба ҷавоби саволи рақами (3749) нигаред.

Дуввум: Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) баён намуд, ки мувофиқи шариъат бояд намози шаб ду ракъат - ду ракъат бошад. Баъд аз он намозашро бо як ракъат тамом мекунад ва ин як ракъат намози витр мебошад.

Аммо равиши намози шаби паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод)-ро модари мӯъминон Оиша (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) сифат намуда, гуфтааст: Расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) чӣ дар Рамазон бошад ва чӣ дар ғайри он аз ёздаҳ ракъат зиёд намоз намехонд. Аввал чаҳор ракъат намоз мехонд, ки ту аз зебоӣ ва дарозии он напурс. Баъд аз он чаҳор ракъати дигар намоз мехонад, ки ту аз зебоӣ ва дарозии ин чаҳор ракъат напурс. Баъд аз он се ракъат мехонд. Гуфтам: Эй Расулуллоҳ! Оё пеш аз намози витрро хондан, хоб мекунӣ? Гуфт: "Эй Оиша, чашмонам хоб

мекунанд ва дилам бошад, хоб намекунад". Ривояти Бухорӣ (1147) ва Муслим (738).

Шарт нест, ки намози шаби банда ба ин ёздаҳ ракъат расад ва аз он кам ё зиёд набошад. Балки агар шахс хоҳад, мутобиқи тавоноии худ зиёд ё кам мехонад.
Умуман, баъди манози хуфтан то дамидани субҳ чи қадаре ки хоҳад, намоз мехонад. Беҳтарин вақти он, охири шаб аст, зеро он вақти нузули Парвардигор буда, дар он дарҳои осмон кушода мешаванд.
Аз Ҷобир (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) ривоят аст, ки гуфтааст: Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: "Агар шахсе тарсад, ки дар охири шаб хеста наметавонад, бояд дар аввали шаб намози витрашро гузорад. Агар шахсе хоҳад, ки дар охири шаб намози шабро гузорад, намози витрашро низ ҳамон вақт хонад. Зеро намози охири шаб машҳуд (яъне малоикаҳои раҳмат дар он ҳозир мешаванд) ва он афзал аст". Ривояти Муслим (755).
Агар шахсе ба хондани намози шаб ҳиммати баланд дошта бошад, метавонад мисли шабзиндадории паёмбари Аллоҳ, Довуд (дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) шабзиндадорӣ кунад.
Аз Абдуллоҳ ибни Амр (Аллоҳ аз он ду хушнуд бод) ривоят аст, ки гуфтааст: Расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ба ман гуфт: "Маҳбубтарин рӯза назди Аллоҳ рӯзаи Довуд аст, ки як рӯз рӯза мегирифт ва як рӯз намегирифт. Маҳбубтарин намоз назди Аллоҳ намози Довуд аст, ки нисфи шабро хоб мекард ва сеяки онро шабзиндадорӣ мекард ва боз дар шашяки боқимондаи он хоб мерафт". Ривояти Бухорӣ (3420) ва Муслим (1159).
Ба шумо барои иттилои бештар дар ин мавзӯъ китоби "Руҳбону-л-лайл"-и Доктор Сайид Ҳусайн Ал-Аффонӣ (Аллоҳ ӯро ҳифз кунад) тавсия мешавад.
Аллоҳ донотар аст. Сарчашма: Ислом Савол Ва Ҷавоб.

## Савоби намози шаб

Савол
Савоби намози шаб чӣ гуна аст?

Матни ҷавоб
Ҳамду сано барои Аллоҳ.
Намози шаб, суннати муаккада буда, бисёре аз оятҳои қуръонӣ ва ҳадисҳои паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ба он тарғибу ташвиқ намуда, фазлу савоби онро баён намудаанд.
Намози шаб дар устувор гардидани имони шахс нақши калон дошта, ба банда дар иҷрои корҳои бузург мусоидати беандоза мекунад.
Аллоҳ таъоло фармудааст:
يَا أَيُّهَا الْمُزَّمِّلُ * قُمْ اللَّيْلَ إِلا قَلِيلا * نِصْفَهُ أَوْ انْقُصْ مِنْهُ قَلِيلا * أَوْ زِدْ عَلَيْهِ وَرَتِّلْ الْقُرْآنَ تَرْتِيلا * إِنَّا سَنُلْقِي عَلَيْكَ قَوْلا ثَقِيلا * إِنَّ نَاشِئَةَ اللَّيْلِ هِيَ أَشَدُّ وَطْئًا وَأَقْوَمُ قِيلا المزمل/1-6.
"Эй ҷома бар худ печида! Шаб (барои гузоштани намоз) бихез магар андакеро, нисфи онро, ё ки аз он (нисф) андаке кам бикун, ё ки бар он (нисф) зиёд бикун ва Қуръонро бо тартил (оҳиста бо тадаббур) бихон. Ҳаройина мо ба зудӣ бар ту сухани вазнинеро нозил мекунем. Ҳаройина (ибодате ки) дар шаб рух медиҳад, он (дар дил) таъсири сахтар дорад ва барои гуфтор муносибтар ва устувортар аст ". (Сураи Музаммил: 6).
Аллоҳ таъоло аҳли имон ва тақворо бо баъзе аз хислатҳои нек ва амалҳои бузург ситоиш намудааст, ки намози шаб яке аз муҳимтарини онҳост.
Аллоҳ таъоло фармудааст:
إِنَّمَا يُؤْمِنُ بِآيَاتِنَا الَّذِينَ إِذَا ذُكِّرُوا بِهَا خَرُّوا سُجَّدًا وَسَبَّحُوا بِحَمْدِ رَبِّهِمْ وَهُمْ لا يَسْتَكْبِرُونَ * تَتَجَافَى جُنُوبُهُمْ عَنِ الْمَضَاجِعِ يَدْعُونَ رَبَّهُمْ خَوْفًا وَطَمَعًا وَمِمَّا رَزَقْنَاهُمْ يُنْفِقُونَ * فَلا تَعْلَمُ نَفْسٌ مَا أُخْفِيَ لَهُمْ مِنْ قُرَّةِ أَعْيُنٍ جَزَاءً بِمَا كَانُوا يَعْمَلُونَ
السجدة/15-17.
"Танҳо касоне ба оятҳои Мо имон меоваранд, ки чун бо ин оятҳо панд дода бишаванд, ба саҷда биафтанд ва

Парвардигорашонро ба покӣ ёд бикунанд ва онҳо такаббурӣ намекунанд. Паҳлуҳояшон аз бистарҳо баланд мешавад ва Парвардигори худро бо хавфу умед дуо мекунанд ва аз он чи ба онон ризқ додаем, садақа мекунанд. Ҳеҷ кас намедонад он чиро ки (дар ҷаннат) барои онҳо пинҳон нигоҳ дошта шудааст, аз (сабабгори) оромии чашмҳост, подоши он амалҳое, ки мекарданд". (Сураи Саҷда оятҳои 15-16-17)

Аллоҳ таъоло дар ҷойи дигар ононро чунин васф кардааст:

وَالَّذِينَ يَبِيتُونَ لِرَبِّهِمْ سُجَّدًا وَقِيَامًا * وَالَّذِينَ يَقُولُونَ رَبَّنَا اصْرِفْ عَنَّا عَذَابَ جَهَنَّمَ إِنَّ عَذَابَهَا كَانَ غَرَامًا . . . إلى أن قال : أُولَئِكَ يُجْزَوْنَ الْغُرْفَةَ بِمَا صَبَرُوا وَيُلَقَّوْنَ فِيهَا تَحِيَّةً وَسَلَامًا * خَالِدِينَ فِيهَا حَسُنَتْ مُسْتَقَرًّا وَمُقَامًا.

الفرقان/75-64.

"Ва ононе, ки барои (ризогии) Парвардигорашон шабро бо саҷдаву қиём мегузаронанд. Ва ононе, ки мегӯянд: Эй Парвардигори мо, азоби дузахро аз мо дур бигардон, ҳаройина азоби он доимӣ аст. Онон ба он сабре ки карданд, барояшон манзилҳои биҳишт подош дода мешавад ва ва дар онҷо бо дуруду саломи (фариштагон) рӯ ба рӯ мегарданд. Ҷовидона дар он бошанд, қароргоҳ ва макони зебоест". (Сураи Фурқон: 64-65 ва 75-76).

Инҷо бар фазилати шабзиндадорӣ ва фоидаи зиёд доштани он ишораест, ки аз касе пӯшида нест. Зеро он яке аз сабабҳои дур гаштан аз азоби дӯзах ва сазовор шудан ба ҷаннат ва неъматҳои доимии он ва мулоқоти Парвардигор аст. Аллоҳ таъоло моро аз ҷумлаи шахсоне, ки сазовори ин неъматҳо гаштаанд, бигардонад.

Аллоҳ таъоло дар сураи Зориёт якчанд сифати парҳезгоронро зикр намудааст, ки шабзиндадорӣ яке аз он сифатҳост, ки ба сабаби он ба ҷаннати беканор ноил гаштаанд. Аллоҳ таъоло мефармояд:

إِنَّ الْمُتَّقِينَ فِي جَنَّاتٍ وَعُيُونٍ * آخِذِينَ مَا آتَاهُمْ رَبُّهُمْ إِنَّهُمْ كَانُوا قَبْلَ ذَلِكَ مُحْسِنِينَ * كَانُوا قَلِيلا مِنَ اللَّيْلِ مَا يَهْجَعُونَ الذاريات/15-17.

"Ҳаройина, парҳезгорон дар боғҳову чашмасорон бошанд. Он чи Парвардигорашон барояшон додааст, бигиранд. Ҳаройина, онҳо пеш аз он (дар дунё) некӯкор буданд. Онҳо андаке аз шабро мехобиданд (ва бақияи шабро бо намоз мегузарониданд)". (Сураи Зориёт: 15-17).

Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) дар ҳадисҳои зиёде ба намози шаб ташвиқу тарғиб намудааст. Аз ҷумлаи чунин ҳадисҳо: Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст:"Беҳтарин намоз баъд аз намози фарз намози шаб аст". Ривояти Муслим (1163).

Ичунин паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст:"Намози шабро барои худ лозим гиред, зеро он одати солеҳони пеш аз шумо буда ва он наздик шудан ба сӯи Парвардигоратон ва каффоракунандаи гуноҳон ва аз гуноҳ боздоранда аст". Ривояти Тирмизӣ (3549). Албонӣ ин ҳадисро дар китоби "Ирвоу-л-ғалил" (452) ҳасан шумоеридааст.

"Зеро он одати солеҳон" Яъне он одат ва ҳолати доимии онон буд.

"Ва он наздик шудан ба сӯи Парвардигоратон" Яъне он яке аз василаҳоест, ки банда бо воситаи он ба Аллоҳ таъоло наздик мешавад.

"Ва каффоракунандаи гуноҳон" Яъне гуноҳонро каффора ва нобуд месозад.

"Ва аз гуноҳ боздоранда" Яъне аз анҷом додани гуноҳ боз медорад. Аллоҳ таъоло фармудааст:

إِنَّ الصَّلاةَ تَنْهَى عَنْ الْفَحْشَاءِ وَالْمُنْكَرِ

"Ҳароина намоз (инсонро) аз гуноҳ ва зишткорӣ бозмедорад".

Аз Амр ибни Мурраи Ҷуҳанӣ ривоят аст, ки гуфт: Марде аз Қузоъа назди расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) омада гуфт: Эй расулуллоҳ, ба ман бигӯ, ки агар ман гувоҳӣ диҳам, ки ҳеҷ маъбуди барҳақке ба ҷуз Аллоҳ нест ва ту фиристода ва паёмбари Аллоҳ ва намозҳои панҷгонаро бихонам, рӯзаи моҳ (-и Рамазон)-ро бидорам, дар Рамазон

шабзиндадорӣ кунам ва закотро бидиҳам. Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармуд: "Шахсе, ки бар ин ҳолат вафот кунад, аз ҷумлаи сиддиқон ва шаҳидон хоҳад буд". Ривояти Ибни Хузайма. Албонӣ ин ҳадисро дар китоби "Саҳиҳи Ибни Хузайма" (2212) саҳеҳ шуморидааст.

Тирмизӣ (1984) аз Алӣ ривоят кардааст, ки гуфт: Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: "Дар ҷаннат хонаҳоест, ки беруни он аз дарунаш дида мешавад ва дарунаш аз берунаш". Аъробие аз ҷояш хеста гуфт: Эй расулуллоҳ, ин хона барои кист? Расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармуд: "Барои шахсест, ки сухани нек гуфт, хӯрок дод, бардавом рӯза гирифт ва шаб дар ҳоле, ки мардум хобанд, намоз хонд".

Албонӣ ин ҳадисро дар китоби "Саҳиҳу-т-тирмизӣ" ҳасан шуморидааст.

Ҳоким ривоят кардааст, ки паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: "Ҷабраил ба назди ман омада гуфт: Эй Муҳаммад, чи қадаре ки бихоҳӣ зиндагӣ бикун, пас бешак, ту мемирӣ ва касеро, ки бихоҳӣ, дӯст бидор, пас бешак, ту аз ӯ ҷудо хоҳӣ шуд ва чизе, ки хоҳӣ амал бикун, пас бешак подоши он ба ту дода мешавад. Бидон, ки шарафи мӯъмин дар намози шаби ӯст ва иззати ӯ аз бениёз будани ӯ аз мардум аст". Албонӣ ин ҳадисро дар "Саҳиҳу-л-ҷомиъ" (73) ҳасан шуморидааст.

Расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: "Касе, ки дар намози шаб даҳ оят бихонад, аз ҷузъи ғофилон навишта намешавад. Касе, ки дар намози шаб сад оят бихонад, аз ҷузъи қонитон (фармонбардорон) навишта мешавад. Касе, ки дар намози шаб ҳазор оят бихонад, аз ҷузъи муқантирин (соҳибони аҷри бисёр бузург) навишта мешавад". Ривояти Абудовуд (1398). Албонӣ ин ҳадисро дар китоби Саҳиҳи Абудовуд саҳеҳ донистааст.

Муқантирин - Онҳо шахсонеанд, ки барояшон як қинтор савоб дода шудааст.

Қинтор - микдори зиёди тиллоро гӯянд. Аксарияти донишмандони илми луғат бар онанд, ки он чаҳор ҳазор динор аст.
Гуфта шудааст, ки қинтор пӯсти барзагови пур аз тилло аст. Гуфта шудааст, ки ҳаштод ҳазор. Гуфта шудааст, ки ҷамъи зиёди номаълум аз мол аст.
Ба китобаи "Ан-ниҳоя фӣ ғариби-л-ҳадис"-и Ибни Касир нигар.
Мақсад аз ин ҳадис бузург будани савоби касест, ки дар намози шаб ҳазор оят хондааст.
Табаронӣ ривоят кардааст, ки паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудаст: "Қинтор беҳтар аз дунё ва он чизе ки дар он аст". Албонӣ ин ҳадисро дар китоби Саҳиҳу-т-тарғиб (638) ҳасан шуморидааст.
Фоида:
Ҳофиз Ибни Ҳаҷар гуфтааст: "Аз сураи Таборак то охири Қуръон ҳазор оят аст". Поёни сухан.
Пас шахсе, ки дар намози шаб аз сураи Таборак оғоз карда, то охири Қуръон бихонад, дар намози шаб ҳазор оят хондааст. Аллоҳ донотар аст.

Сарчашма: Ислом Савол Ва Ҷавоб.

## Оё баъди намози витр намози нофила хондан ҷоиз аст?

Савол
Ман доимо намози таҳаҷҷуд намехонам. Агар намози витрро баъди намози хуфтан хонда бошам, сипас намози таҳаҷҷуд хонданӣ шавам, оё метавонам ин амалро анҷом диҳам?

Матни ҷавоб
Ҳамду сано барои Аллоҳ.
Бар шахсе, ки дар аввали шаб ва ё дар нимаи шаб намози витр хондааст, ҷоиз аст, ки баъд аз он намози нафл бихонад. Агарчӣ мустаҳаб он аст, ки охирон намози банда дар шаб

намози витр бошад. Дар ин ҳолат ин гуна шахс намози витрро дуюм бора намехонад, балки ҳамон намози витре, ки дар аввали шаб хонда буд, барояш басанда аст.
Аз Абдуллоҳ ибни Умар (Аллоҳ аз он ду хушнуд бод) ривоят аст, ки расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: "Охирон намозатонро дар шаб витр бигардонед". Ривояти Бухорӣ (998) ва Муслим (749).

Аз Талқ ибни Алӣ ривоят шудааст, ки гуфт: Расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод)-ро шунидам, ки мегуфт: "Дар як шаб ду намози витр нест". Ривояти Тирмизӣ (470) ва Насоӣ (1679) ва Абудовуд (1439). Шайх Албонӣ ин ҳадисро дар китоби "Саҳиҳу-л-ҷомиъ" (7567) саҳеҳ шумоpидааст.

Ибни Ҳазм дар китоби "Ал-Муҳалло" (2/92, 93) гуфтааст:
Намози витрро дар охири шаб хондан афзалтар аст ва аммо шахсе, ки онро дар аввали шаб хонад, низ кори хуб кардааст. Баъд аз намози витр намози нафл хондан ҷоиз аст. Дар ин сурат намози витрро бори дигар намехондад. Поёни сухан.

Нававӣ дар китоби "Ал-Маҷмуъ" (3/512) гуфтааст: Агар касе намози витрро хонад ва баъд аз он хоҳад, ки дар шаб намози нафл ва ё намози дигаре гузорад, раво бошад ва ҳеҷ кароҳияте надорад ва намози витрро бори дигар намехондад.
Далели ин гуфтаҳо, ҳадиси Оиша (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) аст, ки ӯ чигунагии намози витри расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) пурсида шуд, дар ҷавоб гуфт: "Мо мисвок ва оби таҳорати ӯро омода мекардем. Ба изни Аллоҳ шабона бедор мешуд ва даҳонашро мисвок намуда, вузӯ мегирифт ва сипас, нӯҳ ракъат намоз мехонд. Дар ин нӯҳ ракъат танҳо баъди ракъати ҳаштум нишаста, Аллоҳро зикру мекарду бар Ӯ ҳамду сано мехонд ва дуо мекард. Сипас салом надода, аз

ҷояш боло мешуд ва ракъати нӯҳумро мехонд. Баъд аз он менишасту Аллоҳро зикр мекард ва бар Ӯ ҳамду сано хонда, дуо мекард. Сипас тарзе салом медод, ки мо мешунидем ва баъди салом додан, дар ҳолати нишаста, ду ракъати дигар намоз мехонд". Ривояти Муслим.

Ин ҳадис ҷузъе аз ҳадиси дароз буда, далолат бар он мекунад, ки паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) баъд аз намози витр ду ракъат намоз мехонд ва ин шаҳодат аз он медиҳад, ки баъд аз намози витр намоз хондан ҷоиз аст. Поёни сухан. Ба саволҳои (37729) ва (38400) нигаред.

Аллоҳ донотар аст. Сарчашма: Ислом Савол Ва Ҷавоб.

## **Оё дар ҳангоми саҷдаи тиловат ҳиҷоб бар зан воҷиб аст?**

Савол

Ҳангоме ки зан Қуръон бихонад ва ба ояти саҷда бирасад, чӣ кор мекунад? Оё бе сарпӯш саҷда менамояд ё чӣ кор мекунад?

Матни ҷавоб. Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Барои зан беҳтар аст, ки ҳар гоҳ ба ояти саҷда гузар кунад, сари худро пӯшида саҷда бикунад. Аммо агар саҷдаи тиловатро бе ҳиҷоб анҷом бидиҳад, умедворем, ки дар ин амал ҳеҷ боке нест, зеро саҷдаи тиловат зери ҳукми намоз қарор намегирад (яъне аҳкоми саҷдаи тиловат, мисли аҳкоми намоз намебошад), балки ин фурӯтанию хушӯъ ва тақаррубу наздикшавӣ ба Аллоҳ таъоло аст, ба монанди дигар зикрҳову амалҳои нек.

Тавфиқ аз ҷониби Аллоҳ аст ва дуруду паёми Аллоҳ бар паёмбарамон Муҳаммад ва олу асҳоби ӯ бод.

Сарчашма: Аллаҷнату-Д-Доимату
Ли-Л-Буҳуси-Л-Илмийяти Ва-Л-Ифто: 7/263.